ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Донишкадаи ҷумҳуриявии
такмили ихтисос ва бозомӯзии
кормандони соҳаи маориф

# ТАРҲРЕЗИИ ВАЗЪИЯТҲОИ ТАЪЛИМӢ БАРОИ РУШДИ САЛОҲИЯТҲО ДАР ОМӮЗИШИ ФАНҲОИ ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ ТОҶИК

## Модули таълимӣ барои омӯзгорони фанҳои забон ва адабиёти тоҷик

МОДУЛИ

3

**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ДОНИШКАДАИ ҶУМҲУРИЯВИИ ТАКМИЛИ ИХТИСОС ВА БОЗОМӮЗИИ КОРМАНДОНИ СОҲАИ МАОРИФ**

# МОДУЛИ 3

## ТАРҲРЕЗИИ ВАЗЪИЯТҲОИ ТАЪЛИМӢ БАРОИ РУШДИ САЛОҲИЯТҲО ДАР ОМӮЗИШИ ФАНҲОИ ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ ТОҶИК

**Модули таълимӣ барои омӯзгорони фанҳои забон ва адабиёти тоҷик**

**Душанбе 2026**

Бо қарори ҳайати Шурои олимони Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф аз «28» ноябри соли 2025, №11/7-5 тасдиқ карда шудааст.

**Мураттибон:** Фаросат Олимова, Сафарбек Собирзода, Изатулло Раҳимов

**Муҳаррир:** Сафарбек Собирзода

**Муқарризон:**

| | |
|---|---|
| Б. Ҳайдаров, | мутахассиси пешбари Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| Ҳ. Ҳалимова, | омӯзгори кафедраи методикаи таълими фанҳои ҷамъиятӣ-гуманитарии Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф |

Модули мазкур ба таҳкими маҳоратҳои касбии омӯзгорони забон ва адабиёти тоҷик нигаронида шудааст. Дар модул мафҳуми *вазъияти таълим* ҳамчун ҷузъи муҳити таълим, *усули кейс-стадӣ* ҳамчун воситаи рушди тафаккури интиқодӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Ҳамзамон, таваҷҷуҳи махсус ба *таълими ҷумлаҳои мураккаби пайваст* дода мешавад, ки он ба рушди салоҳияти забонӣ, тафаккури мантиқӣ ва қобилияти ифодаи фикр мусоидат менамояд.

Модул инчунин таҳлили *таҳқиқоти барномаи байналмилалии PISA*-ро дар бар мегирад, ки ба омӯзгорон имкон медиҳад дарсҳоро бо дарназардошти меъёрҳои байналмилалӣ ва талаботи Чаҳорчӯбаи миллии рушди таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ташкил намоянд.

## Мундариҷа

Пешгуфтор .............................................................................................................. 4

1 Вазъияти таълим ҳамчун ҷузъи муҳити таълимӣ .................................................... 5

2 Таълими ҷумлаҳои мураккаби пайваст чӣ гуна ба ташаккули салоҳиятҳои калидӣ мусоидат менамоянд?............................................................................................. 23

3 Усули кейс-стадӣ ҳамчун воситаи рушди тафаккур ва салоҳиятҳо......................... 45

Адабиёт ва сарчашмаҳо.......................................................................................... 59

## ПЕШГУФТОР

Дар фазои муосири таълим самти фаҳмиши мақсаду натиҷаҳои таълим босуръат тағйир меёбанд. Модули пешниҳодшуда якчанд самтҳои муҳимми дидактикаи муосирро ба ҳам мепайвандад. Яке аз вазифаҳои асосии модул нишон додани он аст, ки чӣ гуна мавзуъҳои сарфӣ ё наҳвӣ мазмуни як вазъияти таълим шуда метавонанд, яъне супорише, ки хонандаро ба як мазмуни воқеӣ ё намунавӣ ворид мекунад, ки дар он воситаҳои грамматикӣ барои ҳаллу фасли ин ё он муошират ё маърифат истифода мешаванд.

Модули мазкур ба таҳияи вазъиятҳои таълим ҳамчун воситаи асосии рушди салоҳиятҳои калидӣ равона шудааст. Вазъияти таълим на танҳо ҷавоб, балки интихоб, на танҳо истифодаи қоида, балки таҳлил, баёни андешаи шахсӣ ва овардани далелро талаб мекунад. Ин равиш дар ташаккули салоҳиятҳои калидӣ самарабахш аст.Дар мавзуи якуми он вазъияти таълим ҳамчун ҷузъи муҳити омӯзишӣ баррасӣ мешавад, на танҳо барои санҷиши дониш, балки барои таҳлил, интихоби ҷавоб, баёни андеша ва овардани далел. Мавзуъҳои грамматикӣ, аз ҷумла сарфу наҳв, метавонанд ба мазмуни вазъиятҳои воқеӣ табдил ёбанд.

Мавзуи дигари модул нишон медиҳад, ки таълими ҷумлаҳои мураккаб на танҳо омӯзиши грамматикӣ, балки воситаи рушди тафаккури таҳлилӣ ва муоширати мураккаб мебошад. Хонандагон меомӯзанд, ки чӣ гуна ин сохторҳо дар ифрози андеша ва таҳрири матн нақш мебозанд.

Усули кейс-стадӣ, ки ба мундариҷаи модул дохил карда шудааст, хонандагонро ба вазъиятҳои мураккаби дорои мушкилӣ машғул месозад, то дар ин вазъият маълумот таҳлил шавад, робитаҳои сабабу натиҷа муайян гарданд ва хулосаҳо тартиб дода шаванд.. Хонандагон дар вазъиятҳои мушкил маълумотро таҳлил мекунанд, робитаҳои сабабу натиҷаро меҷӯянд ва хулосаҳои мантиқӣ тартиб медиҳанд. Кейсҳо дар асоси матнҳои адабӣ ва забонӣ, забонро бо арзишҳои маънавӣ ва фарҳангӣ пайванд менамоянд.

Ҳамаи ин амалҳои воқеии забонӣ мебошанд, ки ба ҳадафҳои салоҳиятҳои калидӣ ҷавобгӯянд ва омӯзиши забонро аз як раванди назариявӣ ба як таҷрибаи муҳим табдил медиҳанд.

Умедворем, ки муносибатҳои пешниҳодшуда, намуна ва супоришҳо шуморо барои таҳияи вазъиятҳои таълим илҳом мебахшанд ва барои пурмазмун кардани дарсҳои анъанавӣ имкони фаровон медиҳанд.

# МАВЗУИ 1

## Вазъияти таълим ҳамчун ҷузъи муҳити таълим

**Чиро бояд донем?**

- Мафҳуми вазъияти таълим ва фарқи он аз супориши маъмулӣ.
- Таркиби вазъияти таълим: замина, мушкилот, амалҳо, интихоб, натиҷа.
- Алоқамандии вазъияти таълим бо муҳити таълимӣ ва муносибати босалоҳият.
- Нақши вазъиятҳои таълимӣ дар рушду тақвияти салоҳиятҳои асосӣ.

**Чиро бояд тавонем?**

- Шинохт ва таҳлили вазъиятҳои таълимӣ дар таҷрибаи шахсӣ.
- Муайян намудани ҷиҳатҳои қавӣ ва заифи сохтори вазъият.
- Тарҳрезии вазъиятҳои таълимӣ вобаста ба мавзуъҳои барномаи таълим.
- Интихоби усулҳое, ки фаъолияти хонандагонро тақвият мебахшанд: андешаронӣ, муошират ва ҳамкорӣ.

**Саволҳои асосӣ барои муҳокима**

- Вазъияти таълим аз супориши одӣ бо чӣ фарқ мекунад?
- Кадом унсурҳо вазъиятро воқеан “таълимӣ” мегардонанд?
- Вазъияти таълимиро чӣ гуна метавон ба мундариҷа ва мазмуни дарсӣ алоқаманд кард?
- Кадом мавзуъҳо аз фанҳои забон ва адабиёти тоҷик имконии истифодаи вазъиятро доранд?

### НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ

Пас аз анҷоми омӯзиши мавзуъ

1. Фарқи вазъияти таълимро аз супориши одӣ **шарҳ диҳед.**
2. Сохтори вазъи таълим, унсуру қисмҳои он, вазифаи онро **таҳлил кунед.**
3. Аломатҳои вазъияти таълимро дар таҷриба **муайян кунед.**
4. Вазъиятҳои таълимро бо дарназардошти сохтор ва мундариҷаи мавзуъ **таҳия намоед.**

## Муқаддима

Як дарс дар мактаб метавонад ба тарзҳои гуногун гузарад. Дар як ҳолат — танҳо нақли матн ва саволу ҷавоб дар назди тахтаи синф. Дар ҳолати дигар — ҷустуҷӯйи муштараки роҳи ҳал, муҳокима ва андешаронӣ. Тафовут на танҳо дар усул аст, балки дар нақши хонанда ҳам ҳаст: ӯ танҳо ба савол ҷавоб медиҳад ё амал ҳам мекунад? Ӯро ба фаъолият ҷалб мекунанд ё месанҷанд? Вазъияти таълим ин на танҳо назорат, балки роҳи табдил додани дарс ба ҷойи амалу андешаронӣ аст. Беш аз ин, вазъияти таълим яке аз унсурҳои асосии муҳити таълим аст, ки тавассути он муносибати босалоҳият амалӣ мегардад.

Дар ин мавзуъ мо таҳлил хоҳем кард, ки вазъияти таълим аз супориши маъмулӣ бо чӣ фарқ мекунад, сохтори он аз чӣ иборат аст, чӣ гуна бо рушди салоҳиятҳои калидӣ алоқаманд аст ва чӣ гуна онро ба раванди таълим ворид кардан мумкин аст. Ин мавзуъ асоси ҳамаи мавзуъҳои минбаъдаи модули мазкур аст.

На танҳо намунаҳоро меомӯзем, балки дар таҳлил ва таҳияи онҳо амалан машқ мекунем, то бубинем, ки вазъияти таълим чӣ гуна метавонад ба як ҷузъи фаъоли дарс табдил ёбад.

## Шарҳи мафҳумҳои асосӣ

**Вазъияти таълим** — ин супориши тарҳрезишуда аз ҷониби омӯзгор аст, ки дар он хонанда бо мушкилот рӯ ба рӯ мешавад, интихоб мекунад, қарор қабул менамояд ва дар шароити номуайян амал мекунад.

**Мазмун** — ин доираи маъноӣ ё сужет аст, ки супоришро ба зиндагии воқеӣ, забон ва адабиёт, ҷомеа алоқаманд ва супоришро барои хонанда муҳим месозад.

**Мушкилот** — даъвати асосии вазъият ё тазоде, ки он дарк кардан, таҳлил кардан ва ҳалли онро талаб мекунад.

**Амал** — қадамҳои таълимии мушаххас: таҳлил, муқоиса, муҳокима, интихоб кардани стратегия, қолаб ё намунасозӣ.

**Интихоб** — имконияти қабул кардани яке аз роҳҳои ҳал, асоснок кардан ва муқоисаи он бо дигар вариантҳо.

**Натиҷа** — маҳсул, мавқеъ, ҳалли масъала ё хулосае, ки дониш ва салоҳиятҳои хонандаро намоиш медиҳад.

**Салоҳиятҳои 4К+** — маҷмуи асосии салоҳиятҳои муосир, ки *тафаккури интиқодӣ, тафаккури эҷодӣ, ҳамкорӣ, муошират ва маҳорати омӯхтанро дар бар мегиранд.*

## МАШҒУЛИЯТИ 1

**НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ:**

**1.** Фарқи вазъияти таълимро аз супориши одӣ **шарҳ додан.**

**2.** Сохтори вазъи таълим, унсуру қисмҳои он, вазифаи онро **таҳлил кардан.**



### АЗ МИСОЛҲОИ СОДА ОҒОЗ МЕКУНЕМ

**Чиро медонед ва мефаҳмед?**

**1. Се тасаввурот**

**Савол: Барои шумо «вазъияти таълим» чист?** Сето калимае гӯед, ки аввалин шуда ба зеҳнатон меоянд.

**Шакли кор:**

- Инфиродӣ — 1 дақиқа
- Кори дунафарӣ якҷоя муқоиса кунед, ки андешаҳои шумо чӣ монандӣ ё аз ҳам чӣ фарқ доранд — 2 дақиқа

**2. Ҷавобҳо ба ақидаҳо** Дар зер якчанд ақида оварда шудааст. Шумо метавонед бо онҳо розӣ шавед, розӣ набошед ё шубҳа кунед. *Барои худ қайд кунед:* ☑ *— ҳа* ✗ *— не* **?** *— шубҳа дорам.*

1. Супориши китоби дарсӣ метавонад вазъияти таълим бошад.
2. Вазъияти таълим ҳамеша кори гурӯҳӣ аст.
3. Вазъияти таълим ҳамеша ба ҳаёти воқеӣ иртибот дорад.
4. Вазъиятҳои таълим вақти зиёдеро талаб мекунанд.
5. Вазъияти таълим ҷузъи муҳити таълим аст.

**3. Як унвон (сарлавҳа)**

***Шакли кор:*** *гурӯҳӣ.*

Шумо гӯё барои омӯзгорон китоб менависед. Як ҷумлае нависед, ки таърифи вазъияти таълимро ифода кунад.

**4. Оё ин вазъияти таълим аст? Намуна:** Омӯзгор мавзуи асарро фаҳмонд, нуктаҳои асосии сужету хислатҳои қаҳрамонҳоро баррасӣ кард, сипас саволҳо дод. Ҳамчун вазифаи хонагӣ, пур кардани ҷадвали «Хусусиятҳои образи бадеии қаҳрамон»-ро пешниҳод намуд. Дарси навбатӣ — таҳлили ҷавобҳо ва муҳокима.



## ЧИРО БОЯД ДОНЕД?

**Варақаи иттилоотии 3.1-ро бо диққат хонед, сипас сатҳи фаҳмиши худро тавассути варақаи санҷишии 3.1. санҷед.**

**Варақаи иттилоотии 3.1**

### 1. Вазъияти таълим чист?

**Вазъияти таълим** ин лаҳзаи банақшагирифтаи раванди таълим аст, ки дар он хонанда амал мекунад: бо масъала рӯ ба рӯ мешавад, таҳлил мекунад, интихоб менамояд, асос меорад ва роҳи ҳал пешниҳод мекунад.

Дар меҳвари чунин вазъият на танҳо як супориши қолиб, балки як **масъалаи маърифатии кушода** қарор дорад, Тафовути асосии он дар **сохтори мушаххасаш** мебошад: *мазмун, мушкилӣ, амал, интихоби роҳ ва натиҷа.* Ҳамин гуна сохт вазъияти таълимро «пешбарандаи» салоҳиятҳои калидӣ мегардонад.

Ин гуна вазъиятҳо метавонанд як қисми дарс, асоси тамоми машғулият ё мағзи лоиҳа бошанд. Асосаш, онҳо таваҷҷуҳи хонандаро на танҳо ба дониш, балки ба **фаъолияти хонанда** равона месозанд (яъне муҳим он нест, ки омӯзгор чӣ кор мекунад, муҳим он аст, ки **хонанда чӣ кор мекунад**).

### 2. **Сохтори вазъияти таълим**

Барои он ки вазъияти таълим шавқу ҳавас ба вуҷуд оварад ва ба амал водор созад, сохтори он бояд дуруст андешида шавад. Вазъияти хуб дорои пайдарпайии мантиқии равшан аст: аз мазмун ба амал, аз амал — ба интихоб ва натиҷа.

**Унсури аввал: МАЗМУН**

Ин на танҳо пасманзар аст, балки **пайвандгари** дониш ва ҳаёт аст. Мазмун метавонад ба воқеияти забонӣ ё адабӣ, далели қолиб ё мушкилоти воқеии иҷтимоӣ такя кунад. Асосаш он эътимодбахш**,** муҳим**,** ҷалбкунанда бошад.

**Намуна:** «Шумо пажуҳишгари адабӣ ҳастед, ки сужети асосии як асарро таҳлил мекунед. Қаҳрамони асосӣ бо як интихоби душвор рӯ ба рӯ мешавад, ки сарнавишти ӯро муайян месозад. Вазифаи шумо — муайян кардани он аст, ки муаллиф кадом воситаҳои бадеиро барои нишон додани низоъҳои ботинии қаҳрамон истифода мебарад ва чӣ гуна интихоби ӯ ғояи асосии асарро инъикос мекунад.».

**Унсури дуюм: МУШКИЛОТ.**

Ин мушкилӣ ё масъала дар дохили асар аст, ки андеша ва таҳлил мехоҳад. Мушкилоти хуби адабӣ ҳалли ягона надорад ва хонандаро водор мекунад, ки дар бораи интихоби маънавӣ, сарнавишти қаҳрамон ва амиқии мазмуни бадеӣ фикр кунад.

**Намуна:** «Қаҳрамон миёни дуроҳа қарор дорад: ба фармони дилаш гӯш диҳад ё ба меъёрҳои иҷтимоӣ итоат кунад? Кадом омилҳо ба қарори ӯ таъсир мегузоранд? Муаллиф чӣ гуна низои ботинии қаҳрамонро нишон додааст?»

**Унсури сеюм: АМАЛ.**

Дар ин марҳила хонанда на танҳо таҳлил мекунад, балки **вазъияти адабиро аз сар мегузаронад**. Фаъолияти ӯ метавонанд инҳо бошанд:

- **Ҷустуҷӯйи маълумот**: шарҳи ҳоли муаллиф;
- **Муҳокима дар гурӯҳ**: Сабаб ва рафтори персонажҳо
- **Тартиб додани хатти сужет** ва муайян кардани низоъҳои асосӣ;
- **Пешниҳоди фарзияҳо** оид ба инкишофи ҳодисаҳо, пешниҳоди роҳҳои ҳалли гуногун, ки метавонанд сарнавишти қаҳрамонро тағйир диҳанд.

**Унсури чорум**: **ИНТИХОБ**

Хонанда яке аз чанд вариантро интихоб мекунад ва асоснок мекунад**,** ки чаро маҳз он роҳи дуруст аст. Ӯ бояд муқоиса кунад, афзалиятҳоро муайян кунад ва фикри худро баён намояд**.**

Шарҳи методӣ**:** Дар асл шояд амалу интихоб ҳамзамон сурат гиранд ё якҷо дода шаванд. Аммо тарҳрезии амал ва интихоб муҳим аст, зеро ин ҷо маҳз ҷараёни инкишофи салоҳиятҳо ба вуҷуд меояд.

**Унсури панҷум: НАТИҶА**

Натиҷа аз кори омӯзишӣ ба даст меояд: мавқеи баёншуда, пешниҳоди ҳал, ё маҳсуле, ки дониш ва салоҳиятҳоро инъикос мекунад (масалан, нақшаи сужет, пешниҳоди лоиҳа, ё муаррифӣ). **Натиҷа** — асос барои **робитаи мутақобила**: мушкил буд, кадом саволҳои нав пайдо шуданд.

**3. Таҳлили методӣ: Вазъияти таълим ба кадом заминаи дониш такя мекунад?**

Барои намуна, вазъияти таълимии қаблан овардашударо мегирем: «Шумо — иштирокчии мурофиаи адабӣ бар зидди судхӯр. Вазифаи шумо — ҳимоят ё маҳкум кардани кирдори ӯ, бо истинод ба матни асар ва мавқеи муаллиф. Оё танҳо ӯ қаҳрамони манфӣ буд, ё ки дар сарнавишташ ҷузъиёти иҷтимоӣ ва равонӣ дида мешаванд? Айнӣ чӣ гуна шахсият ва низои ботинии ӯро тавассути воситаҳои бадеӣ баён мекунад?»
Ин супориш ба мазмуни мавзуи «Низои бадеӣ ва симои қаҳрамон» дар синфи 11 мувофиқ аст. Дар он ҳамаи унсурҳои асосии сохтори вазъияти таълим мавҷуданд:

- **Мазмун:** асари адабӣ, муаллиф ва давраи таърихӣ.
- **Мушкилот:** низои ботинӣ ё берунаи қаҳрамон. Савол: Чӣ гуна интихоби ӯ ғояи асосии асарро таҷассум мекунад?
- **Амал:** таҳлили матн, муқоисаи ангезаҳо, омӯзиши услуби муаллиф.
- **Ҳал:** шаклгирии андешаи далелнок дар бораи мақсади муаллиф.

Савол ба миён меояд: Агар ин супориш «босалоҳият» бошад ҳам, оё хонанда метавонад онро бе заминаи муайяни дониш иҷро кунад? Ҳатто супориш хуб тарҳрезӣ шуда бошад ҳам, он ба як вазъияти таълимии воқеӣ мубаддал намегардад, агар бар заминаи донишҳои қаблӣ такя накунад.

Барои иҷрои чунин супориш хонанда бояд:

1. **Мазмуни адабии асарро донад:** муаллиф, замони таърихӣ, хусусиятҳои фарҳангӣ;
2. **Сабаб ва оқибатҳои низоъро дарк кунад:** зиддиятҳои дохилӣ ва берунӣ, таъсири онҳо ба инкишофи сужет;
3. **Воситаҳои бадеиро шиносад:** метафора, рамз, сохтори асар ва нақши онҳо дар бозгӯйи ғоя;
4. **Малакаи таҳлили матнро дошта бошад:** ҷудо кардани нуктаҳои асосӣ, пайваст кардани онҳо ба дигар асарҳо;
5. **Дар бораи анъанаҳои адабиёти тоҷик тасаввурот дошта бошад:** мавзуъҳо, услуб ва мафҳумҳои фалсафӣ;
6. **Қобилияти асосноккунӣ, муқоисавӣ ва тафсири эҷодӣ дошта бошад.**

Пас, барои ба «вазъияти таълим» табдил ёфтани супориш, дониш бояд заминаи устувори амал бошад. Ин боз ҳам нишон медиҳад, ки салоҳиятҳо аз мазмуну мундариҷаи дарс ҷудо нестанд.

Мо аллакай гуфта будем, ки вазъияти таълим метавонад ҳам як порчаи дарс ва ҳам маркази лоиҳаи таълимӣ бошад**.** Мисоли Қорӣ Исмат — қаҳрамони асосии повести *«Марги судхӯр»* нишон медиҳад: чӣ қадар масъала амиқтар бошад, ҳамон қадар талабот

ба дониш ва маҳорати хонанда меафзояд. Дар чунин ҳолат кор бояд дар марҳилаҳо сурат гирад: аз ҷамъоварии мисолу далел ва фаҳмиш — то таҳлили муштарак ва ҳалли мушкилот.

Бале, ин осон нест. Вале маҳз ҳамин гуна шаклҳои фаъолият **ҷаҳонбинии хонандаро мукаммал** мекунанд. Ин на танҳо дарси адабиёт аст, балки фазои маънавиест, ки хонанда дар он омӯхтан, пайванд додан, қиёс кардан ва шарҳ додани асару таърихро меомӯзад.

### 4. Аз таҳлил ба натиҷаҳои методӣ

Таҳлили вазъияти таълимии марбут ба «Марги судхӯр» нишон дод, ки танҳо як ифодаи хуби супориш кофӣ нест. Вазъияти таълим на танҳо як василаи методӣ, балки санҷиши омодагист: оё хонанда донишу малака дорад? Ин моро ба андеша водор мекунад: омӯзгор бояд чиро ба ҳисоб гирад, то ки вазъият воқеан таъсиргузор бошад?

***Методҳои муҳим:***

1. **Воқеиятнокӣ.** Ин гуна вазъият умедбахш аст, вале гузаронидани он дар доираи як дарс душвор аст. Ниёз ба омодагӣ ё кори лоиҳавӣ бо тақсими вазифаҳо дорад.
2. **Густариши манбаъҳо.** Матни асосии асар аксаран кифоя нест. Зарур аст, ки манбаъҳои иловагӣ — мақолаҳои таҳлилӣ, ёддоштҳои замоншиносонӣ Айнӣ, ҳуҷҷатҳои бойгонӣ ва маводи таърихиро ба эътибор гирем. Ин ба фаҳмидани симои амиқи Қорӣ Исмат ва нақши ӯ дар сохтори иҷтимоии давра аст ёрӣ мерасонад.
3. **Дониш ё салоҳият?** Саволе, ки бисёриҳоро дар ташвиш мегузорад: аввал дониш, ё аввал салоҳият? Таҷриба нишон медиҳад: муносибати самаранок — рушди ҳамзамони ҳардуст.
4. **Манбаи асосӣ — хонанда.** Ҳар қадар супориш ташаббус, ҷустуҷӯ ва нақшофарии гурӯҳиро талаб кунад, ҳамон қадар худомӯзӣ, устуворӣ, малакаи омӯзиш ва ҳамкорӣ муҳим мегардад.
5. **Омӯзгор — меъмори раванди таълим.** Вазъияти таълим — намунаи модели ояндаи таълим аст, ки дар он дониш ва амал якдигарро пурра мекунанд. Вазифаи омӯзгор — дидан, тарҳрезӣ ва идора кардани чунин вазъиятҳо мебошад.

Мо аз мураккаб оғоз кардем ва беасос не. Бале, ин кори осон нест. Дар он бисёр «агар»-у «эй басо»-ҳо мавҷуданд. Вале маҳз ҳаллу таҳлили мураккаб аст, ки роҳро барои дарки осон мекушояд ва ҳамин тавр мо пояи мавзуъҳои минбаъдаро мегузорем.

### 5. Вазъияти таълим: судхӯре аз бухоро

Дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX дар аморати Бухоро низоми мураккаби молиявӣ амал мекард, ки дар он бонкҳои расмӣ бо фаъолияти қарздиҳии суннатӣ (судхӯрӣ) ҳамзамон мавҷуд буданд. Қорӣ Исмат, қаҳрамони повести «Марги судхӯр» -и Садриддин Айнӣ, намояндаи ҳамин бахши ғайрирасмии иқтисодӣ буд. Ӯ ба мардум бо фоизи баланд бо такя ба мақоми иҷтимоии худ ва тарси қарздорон қарз медод. Аммо фаъолияти ӯ дар баъзе ҳолатҳо бо низоми расмии молиявии аморат иртибот дошт.

**Маҳзари масъала:**

Оё Қорӣ Исмат танҳо як қарздеҳи бераҳм маҳсуб мешуд ё фаъолияти ӯ инъикосгари системаи иқтисодии аморати Бухоро буд? Судхӯрҳо дар ҷомеа чӣ нақш доштанд, оё онҳоро метавон ҳамчун «молиягарони пинҳонӣ» ҳисобид, ки фазои холии сохтори бонкро пур мекарданд?

**Супориши таълимӣ:**

Хонандагон бояд матни повести «Марги судхӯр»-ро таҳлил кунанд, мазмуни таърихии рушди бонкдории Бухороро омӯзанд ва ба савол посух диҳанд: **«Оё Қорӣ Исмат қисми низоми молиявии аморат ба шумор мерафт?»**

**Қадамҳо:**

1. **Таҳлили матн:** Ҷустуҷӯйи қисматҳое, ки усули кори Қорӣ Исмат, муносибаташ бо пул ва бо қарздорон нишон дода шудааст.
2. **Муҳокима дар гурӯх:** Ду нигоҳи эҳтимолӣ — ӯ қарздеҳи бераҳм буд ё пулдоре, ки ба чунин амал маҷбур шуд?
3. **Вазифаи эҷодӣ:**
   - **Нақшаи мурофиа:** Раванди муҳокимаи Қорӣ Исмат дар додгоҳ: Бо истинод ба маълумоти таърихию адабӣ хонандагон ӯро ё ҳимоят мекунанд, ё маҳкум месозанд,

**Вазъияти таълим: Ибрози андеша**

Вазъияти мазкур ҳама унсурҳои сохтори вазъияти таълимиро фаро мегирад ва дар як дарс низ татбиқшаванда аст. Вале ҳатто бо дастрасии он, омӯзгор бо як қатор тасмимҳои муҳимми методӣ рӯ ба рӯ мешавад:

***1. Омодагӣ ба таҳлил***

Агар хонандагон бори аввал бо вазифаҳои мушкил рӯ ба рӯ шаванд, бо муҳокимаи умумӣ оғоз кардан беҳтар аст: баррасии шахсияти Қорӣ Исмат, арзёбии амалҳояш ва тавзеҳи заминаҳои иҷтимоиву иқтисодии аморати Бухоро, то тарси «посухи нодуруст» аз байн равад.

***2. Шакли кор***

Дар синфҳои сершумор, ки ҷойивазкунии мизу курсӣ душвор аст, мувофиқ аст, ки хонандагон дунафарӣ ё дар гурӯҳҳои хурд кор кунанд, ҳамкорӣ имконпазир гаридида, идоракунии синф осонтар мегардад.

***3. Таҳлил ба марҳилаҳо ҷудо шавад:***

- **Қадами якум:** Қорӣ Исмат кист? Фаъолияти молиявии ӯ ба кӣ чӣ таъсир мерасонад?
- **Қадами дуюм:** Ӯ кадом усулҳоро истифода мебарад? Дар шароити аморат дигар роҳҳо буд ё не?
- **Қадами сеюм:** Ӯ як ҷузъи низоми иқтисодӣ буд, ё берун аз он фаъолият дошт?

Барои ҳар марҳила метавон усулҳои гуногунро истифода бурд: ангезиши зеҳн, дараҷабандӣ кардани фикрҳо, муҳокима бо саволу ҷавоб, ИНСЕРТ.

***4. Ҷойгоҳ дар муҳити таълим***

Ин вазъият на ҷузъи тасодуфӣ, балки худ як қисмати ҷудонашавандаи дарс аст. Он ташкил, идора ва роҳбарӣ мехоҳад ва бояд ба сохтори умумии машғулият пайваст бошад.

Намунаи ҷавоб (на ягона, балки барои роҳнамоӣ)

**«Бандҳои қарз: Чӣ гуна Қорӣ Исмат қарздорро ба ғулом табдил медод».**

Яке аз амалҳои хоси Қорӣ Исмат дар повест роҳҳои пулкоркуниаш барои ба даст овардани манфиат аз деҳқонони камбизоат буд. Ӯ векселҳо (ваъданомаҳои қарз) - ро ба ҳайси василаи фишор истифода мебурд. Қоидаҳои шартномааш чунон мураккаб буданд, ки қарздор ҳеҷ гоҳ наметавонист қарзро пурра пардохт кунад. Ӯ ҳисобу китоби қарзро нодуруст месохт, фоизҳоро зиёд мекард ва гаравҳои нав талаб менамуд, ки дар натиҷа, қарздорон **замин, молу мулк ва ҳатто озодиашонро** аз даст медоданд.

**Натиҷа:** Ҳирсу молпарастии Қорӣ Исмат ӯро ба танҳоӣ ва марги фоҷиавӣ бурд. Гарчанде ки сарват ҷамъ оварда буд, вале **ҳеҷ кас ӯро эҳтиром намекард.** Ӯ рамзи беадолатии иҷтимоӣ гардид. Мардуми азияткашида нисбат ба ӯ на раҳм доштанд, на ғамшарикӣ.

Охири повест нишон медиҳад: **ҳирс ва золимӣ ба сукути маънавию иҷтимоӣ мебаранд**. Агар шахс эътибори мардумро аз даст диҳад, ҳеҷ гуна сарват ӯро наҷот намедиҳад.

Умедворем, ки омӯзгор моҳияти вазъиятҳои таълимиро хуб дарк карда мефаҳмонад, ки онҳо чӣ гуна ба раванди таълим пайваст мешаванд. Дар поён хулосаи кӯтоҳи сохтори вазъияти таълим оварда мешавад.

**Сохтори вазъияти таълим**

| Унсур | Мақсад / Шарҳ |
| --- | --- |
| **Мазмун** | Вазъияте, ки ба хонандагон шинос ё фаҳмо буда, бо ҳаёти воқеӣ алоқаманд аст: замина, муҳит ва шароите, ки мушкилот дар он ба вуҷуд меояд |
| **Мушкилот** | Савол ё зиддият, ки таҳлил, ҷустуҷӯйи сабабҳо ва роҳҳои ҳалро талаб мекунад. Фаъолияти таълимиро барангезанда аст |
| **Амал** | Чӣ бояд кард: таҳлил, муҳокима, интихоб, сохтани қолаб ё намуна. Самтро нишон медиҳад ва хонандагонро ба кор бо иттилоот ҷалб мекунад |
| **Интихоб** | Роҳҳои гуногуни ҳал, ки ҳар кадом паёмадҳои мусбӣ ва манфӣ доранд. Хонанда бояд имкониятро арзёбӣ ва интихоби худро асоснок кунад |
| **Натиҷа** | Хулоса, маҳсул, мавқеъ, далел, нақша ё тавсия на танҳо донишро, балки тавоноии андешаронӣ ва амалро инъикос мекунад. Метавонад ба шаклҳои гуногун пешниҳод шавад: шифоҳӣ, хаттӣ, тасвирӣ |

**6. Навъҳои вазъиятҳои таълимӣ**

Мо баррасӣ кардем, ки вазъияти таълим аз кадом унсурҳо иборат аст. Аммо муҳим он аст, ки чунин супоришҳо метавонанд тибқи намудашон фарқ дошта бошанд. Қадами навбатӣ — шиносоӣ бо шаклҳои асосии вазъиятҳо ва фарқи онҳо.

Вазъиятҳои таълимӣ метавонанд шаклҳои гуногун дошта бошанд, ҳар кадом шакл навъи муайяни тафаккур ва амали хонандаро: аз супориши кӯтоҳ то лоиҳаи хурд фаъол месозад.

Сарфи назар аз гуногунӣ, метавон се намунаи асосиро ҷудо кард, ки ҳар кадом бо навъи муайяни масъала ва муошират дар синф марбутанд.

| Намуди вазъият | Тавсиф | Намуна |
| --- | --- | --- |
| **Проблемавӣ** | Зиддият ё масъалае, ки ҳалли равшан надорад | Дар повести «Марги судхӯр» қаҳрамонҳо миёни меъёрҳои ахлоқӣ ва фоидаи молӣ интихоб мекунанд. Чӣ гуна қаҳрамонҳо мубориза адолат ва манфиати шахсиро инъикос мекунанд? |
| **Таҳқиқотӣ** | Зарурати ҷамъоварии маълумот, таҳлил ва баровардани хулоса | Омӯзед, ки зиндагии мардуми одӣ дар асарҳои Садриддин Айнӣ чӣ гуна тасвир ва афкори ӯ бо мурури замон чӣ гуна тағйир ёфтааст? |

| | | |
|---|---|---|
| **Муҳокимавӣ - нақшофарӣ** | Нуқтаҳои назари гуногун, нақшҳо, зарурати асосноккунӣ ва қабули қарор | Мурофиа бар зидди Қорӣ Исматро ташкил намоед. Қозӣ дар нақши довар, вакилон ӯро ҳимоят мекунанд, бонкдор ва зарардида иттиҳом мегузоранд. Ҳар тараф чӣ гуна далел пеш меорад? Қозӣ бояд дар асоси қонун ва ахлоқ ҳукми одилона барорад. Агар ин парванда дар замони муосир муҳокима мешуд, оё ҳукм тағйир меёфт? |

**Чӣ гуна намудҳои вазъияти таълимиро фарқ кунем?**

Мо бо намунаҳои асосӣ шинос шудем, ки ҳар кадом дорои мантиқ, шеваи рушди фикр ва бартарии худ аст.

- **Вазъиятҳои таҳқиқотӣ** бо саволи *«Чаро?»* оғоз мешаванд: хонанда сабаб меҷӯяд, таҳлил мекунад ва тавзеҳ месозад. Ин роҳи фаҳми амиқи падидаҳост.
- **Вазъиятҳои проблемавӣ** бо саволи *«Чӣ гуна?»* оғоз меёбанд: чӣ гуна ҳал кардан, амал намудан, манобеъро тақсим кардан. Ин роҳи амал ва ҳалли воқеист.
- **Вазъиятҳои муҳокимавӣ-нақшофарӣ** бо саволи *«Чӣ муҳимтар аст?»* ё *«Кадом мавқеъро мегирӣ?»* оғоз меёбанд: интихоб, далел, қобилияти дидани вазъ аз чанд нуқта муҳим мегардад.

Ин саволҳо ҳамаи паҳлуҳоро фаро намегиранд, вале ба муайян кардани **меҳвари асосии масъала** ёрӣ мерасонанд. Ва маҳз аз ҳамин савол **тарҳрезии вазъият шуруъ мешавад** — саволе, ки мавзуъро "зинда" мекунад ва хонандаро ҷалб менамояд.

**Гузариш**

Таснифоти намунаҳои вазъиятҳо маънои онро надорад, ки ҳар вазъият танҳо ба як гурӯҳ тааллуқ дорад. Аксар вақт вазъият метавонад аз як намуд ба дигар гузарад, масалан, аз таҳқиқотӣ оғоз ёфта, бо муҳокимавӣ анҷом ёбад.

**7. Таҳияи вазъиятҳои таълим**

Танҳо бо такя ба китоби дарсӣ оё метавон дарси ҷолиб гузаронд? Албатта. Аммо оё дар он ҳолат метавон салоҳиятҳои калидиро, мисли тавоноии таҳлил, асосноккунӣ ва ҷустуҷӯйи роҳҳои ғайримаъмул рушд дод? Дар ин ҷо кор дигар осон нест.

Маҳз ба ҳамин хотир, маҳорати тарроҳӣ ё тарҳрезии вазъиятҳои таълимӣ яке аз василаҳои муҳимтарини омӯзгор ба шумор меравад.

**Чӣ гуна дониш ба вазъият табдил меёбад?**

Мехоҳед бифаҳмед, ин раванд чӣ гуна амал мекунад? Биёед онро дар мисоли мушаххас бубинем. Мавзуи таҳлил повести **«Марги судхӯр»-**и Садриддин Айнӣ. Дар он Қорӣ Исмат ҳамчун шахсе тасвир шудааст, ки ҳам сарват ҷамъ мекунад, вале дар хӯрдану пӯшидан сарфа мекунад. Ин мавзуъ ба ҳар омӯзгори адабиёти тоҷик ошност. Мушкилии фарқ миёни сарфакорӣ ва ҳирси мол то имрӯз низ қобили баррасист.

Агар мо танҳо бигӯем, ки Қорӣ Исмат чӣ гуна пулро захира мекард ва онро сарф намекард — ин гузаронидани иттилоот хоҳад буд. Вале агар савол гузорем: «Қорӣ Исмат як иқтисодшиноси оқил буд, ки аз маблағ оқилона истифода мебурд, ё чӣ гуна ҳирсу хасисии ӯ сабаби суқути ӯ шуд?» ин аллакай мантиқ ва фазои дигари таълимиро талаб мекунад. Ин ҷо интихоби мавқеъ, таҳлил ва асосноккунӣ даркор аст, яъне ҳаракат аз муҳтаво ба амал оғоз мешавад.

**Ба кадом самт метавон вазъиятро бурд?**

Омӯзгор ҳамеша ихтиёр дорад, ки вазъиятро ба ягон самт равона кунад. Як мавод метавонад дар синфҳои гуногун ва бо ҳадафҳои гуногун шаклҳои мухталифи корро гирад.

Агар мавзуи баррасишаванда «Марги судхӯр» бошад, метавон шаклҳои гуногуни фаъолиятро ба роҳ монд:

- **Муҳокимаи нақшбозӣ.** Хонандагон нақшҳоро тақсим мекунанд: Қорӣ Исмат, қарздорон, тоҷирон, бонкдор, намояндагони аморати Бухоро. Онҳо муҳокима мекунанд: *Оё стратегияи молиявии Қорӣ Исмат асоснок буд? Роҳи дигаре вуҷуд дошта метавонист?*
- **Гурӯҳбозӣ бо харитаи таҳлили рафтор.** Гурӯҳҳо кирдорҳои Қорӣ Исматро на танҳо аз ҷиҳати молиявӣ, балки аз **ҷиҳати мақом ва ангезаҳои шахсӣ** меомӯзанд. Онҳо ҷадвалеро пур мекунанд, ки дар он вазъият, рафтор ва хулоса сабт мегардад.

Мисол:

| Вазъият | Рафтори Қорӣ Исмат | Хулоса |
|---|---|---|
| Дар хона | - Ҳатто бо вуҷуди дорой аз ғизо ва либос сарфа мекард.<br>-Ҳаёти сода ва нороҳатро авлотар медонист. | Сарфакории шадид, ки метавонад стратегия бошад, вале ба хасисӣ мубаддал мешавад. |
| Дар бонк | - Аз талафи пул тарсид, онро пинҳон мекард ё ба бонк месупорид.<br>- Ба низоми бонкӣ эътимод надошт, вале маҷбур буд аз он истифода кунад. | Рафтораш нишондиҳандаи тарси талафот ва беэътимодӣ ба сохторҳои молист. |
| Дар бозор | - То охир барои арзон кардани нарх мунокиша мекард.<br>- Ба ҳар муомила бо ҳиллаю фоида менигарист. | Стратегияи муомилаи бозор — на танҳо аломати хасисӣ, балки қобилияти идора кардани раванд. |

*Пажуҳиш.* Вазъияти таълим дар адабиёт **мушоҳида ва таҳлили образ,** рафтор ва таъсири онҳо ба сужети асарро талаб мекунад. Саволи асосӣ: Қорӣ Исматро чӣ водор мекунад: сарфакорӣ, ҳирс, тарси талаф ё ночории зиндагӣ?

**Санҷиш: оё вазъият пурра фаъол аст?**

Биёед баргардем ба масъалаи худ: **«Қорӣ Исмат — шахси сарфакор ё судхӯри хасис?»** Муҳим аст фаҳмем, ки оё ин масъала ба сохтори вазъияти таълим мутобиқ аст ё не. Бубинем: ҳамаи унсурҳо ҳастанд? Чӣ аллакай муайян шудааст ва чӣ бояд такмил ёбад?

***Ҷадвал: Санҷиши сохтори вазъият***

| Унсур | Оё мавҷуд аст? | Шарҳ |
|---|---|---|
| **Мазмун** | Ҳа | Вақт (аморати Бухоро), шароити иҷтимоӣ, муҳити қаҳрамон зикр шудааст. Метавон ҷузъиёти бештаре дар бораи анъанаҳо ва равандҳои молиявии он давра илова кард. |
| **Мушкилот** | Ҳа | Зиддияти равшан: Қорӣ Исмат сарфакор аст, вале рафтораш хасисӣ менамояд. Саволро метавон тақвият бахшид: сарҳад миёни сарфакорӣ ва ҳирси харобкор дар куҷост? |
| **Амал** | Қисман | Хонандагон саҳнаҳоро таҳлил мекунанд, вале лозим аст дақиқ шавад, ки кадом лаҳзаҳоро баррасӣ мекунанд: зиндагии ӯ дар хона, рафтораш дар бозор, муносибаташ бо пул. |
| **Интихоб** | Нотамом | Ин унсур фаҳмо аст, вале равшан баён нашудааст. Хонанда бояд ду муносибати асоснокро дошта бошад: «хасис буд?» ё «оқилона рафтор мекард?». Ва интихоби худро асоснок намояд. |
| **Натиҷа** | Нест | Шакли пешниҳоди натиҷа ишора нашудааст: суханронӣ, эссе, муҳокима, ҷадвали муқоисавӣ? Беҳтар аст шакли пешниҳодро возеҳ муайян кунем. |

**Танзим ва оғози вазъияти таълим**

Дар ин марҳила аз таҳлил ба такмил мегузарем. Вазъият замина дорад, вале бояд дақиқ кунем: **а) амалҳои хонандагон, б) натиҷаи интизории фаъолият, в) шакли кор (мубоҳиса, таҳқиқ, лоиҳаи хурд).**

Маҳз дар ҳамин нуқта **идея** бо ҳадаф, муҳтаво ва пайвастагӣ бо муҳити таълим **ба лаҳзаи дарси мукаммал** табдил меёбад.

**Усули 1: «Суҳбати рӯ ба рӯ»**
**Кай бояд истифода бурд:** Дар марҳилаи таҳлили ангеза ва ҷаҳонбинии қаҳрамон.
**Хонандагон чӣ кор мекунанд?**

- Хонандагон худро ҳамчун рӯзноманигор тасаввур мекунанд, ки бояд аз Қорӣ Исмат мусоҳиба гиранд.
- Онҳо дар бораи пул, судхӯрӣ, зиндагӣ дар аморати Бухоро саволҳо таҳия мекунанд.
- Хонандагони дигар нақши Қорӣ Исматро мегиранд ва бо истинод ба матн посух медиҳанд.
- Сипас гурӯҳҳо иваз мешаванд, то нуқтаҳои назари дигарро низ эҳсос кунанд.

**Салоҳиятҳо:** таҳлили адабӣ, асосноккунӣ, дарки равонии образ.

**Усули 2: «Тафсири бадеӣ»**
**Кай бояд истифода бурд:** Дар марҳилаи таҳқиқи эҷодии мавзуи асар.
**Хонандагон чӣ кор мекунанд?**

- Хонандагон қиссаҳои кӯтоҳ ё саҳначаҳоро эҷод мекунанд, ки Қорӣ Исматро дар ҳолатҳои алтернативӣ нишон медиҳанд.
- Масалан:
  - Қорӣ Исмат дар замони муосир: Услуби молиявии ӯ имрӯз чӣ гуна мешуд?
  - Қорӣ Исмат маблағашро барои ҷомеа сарф мекунад: Чӣ рӯй медод?
- Баъди намоиши саҳнаҳо, гурӯҳҳо муҳокима мекунанд, ки то кадом андоза навиштаҳо ба хислатҳои ӯ мувофиқанд.

**Салоҳиятҳо:** тафаккури эҷодӣ, кор бо матн, моделсозии адабӣ.

**Хулоса: Чӣ гуна вазъияти таълим ба қисми ҷудонашавандаи дарс табдил меёбад**

Мисоли таҳлили повести **«Марги судхӯр»** нишон медиҳад, ки дар як дарс метавон ҳамзамон якчанд вазъияти таълимиро татбиқ кард — ба мисли *«Суҳбати рӯ ба рӯ»* ва *«Тафсири бадеӣ»*. Ин усулҳо якдигарро пурра мекунанд: аввалӣ ба шинохти амиқи ангезаҳои қаҳрамонҳо мусоидат мекунад, дуюмӣ — гузаришро аз таҳлил ба тафсири эҷодӣ фароҳам месозад.

Хусусияти методи **«Суҳбати рӯ ба рӯ»** дар он аст, ки **тафаккури ангезавии қаҳрамонро фаъол мекунад**:

1. Дар дарс хонандагон савол таҳия мекунанд ва нақшҳои Қорӣ Исмат, қарздорон ва тоҷирони маҳаллиро иҷро менамоянд;
2. Дар хона метавон бо илова кардани ҷузъиёти таҳлили бадеӣ мусоҳибаҳоро такмил дод.

Хусусияти **«Тафсири бадеӣ» муоширати эҷодӣ бо матн** аст.

Дар маҷмуъ, истифодаи вазъиятҳои таълимӣ дар дарс имкон медиҳад:

- **супоришро ба масъалаи маърифатии воқеӣ табдил диҳем**, ки дорои интихоби мавқеъ, асосноккунӣ ва натиҷа бошад;
- **дараҷаи иштирок ва таваҷҷуҳи хонандагонро** тавассути муҳокима ва ҳамкорӣ **баланд бардорем**;
- **принсипи амалро амалӣ созем**: хонанда на танҳо фикр мекунад, балки бо такя ба донишу тафаккур ва муошират фаъолият нишон медиҳад.

Маҳз дар чунин лаҳзаҳо вазъияти таълим дигар як порча нест, **он ба муҳаррики асосии дарс мубаддал мешавад**.

## Ҷамъбаст: хулосаҳои асосӣ

**Вазъияти таълим** — шакли ташкилии фаъолияти омӯзишист, ки ба як ҷузъи муҳимми муҳити таълимӣ табдил меёбад.

1. **Сохтори вазъияти таълим** иборат аст аз:

- **Мазмун** — сужети воқеӣ ва барои хонанда муҳим;
- **Мушкилот** — масъалаи тазоддор ё саволе, ки бо роҳи одӣ ё «аз рӯйи китоб» ҳал намешавад;
- **Амал ва интихоб** — он чизе, ки бояд анҷом дода шавад ва қарорҳое, ки бояд гирифта шаванд;
- **Натиҷа** — хулосаи маърифатӣ, мавқеъ, маҳсул ё тавсия.

Ин гуна сохт тафаккур, малакаи интихоб, асоснокунӣ ва омӯзишро тавассути таҷрибаи шахсӣ ташаккул медиҳад.

3. **Вазъиятҳои таълимӣ худ аз худ ба вуҷуд намеоянд** — онҳо тарҳрезӣ карданро талаб мекунанд.
4. **Вазифаи омӯзгор** — дидани имконияти вазъият, таъини мазмун, баён кардани мушкилот ва ташкили фазои фаъолият аст.
5. Бо шиносоӣ ба **навъҳои вазъиятҳо** омӯзгор метавонад вобаста ба синф, мавзуъ ва имкониятҳо онҳоро ба таври огоҳона мутобиқ созад.

## ХУДБАҲОДИҲӢ: ЧӢ ДАР ХОТИРАМ МОНД, ЧИРО ФАҲМИДАМ?

**Варақаи худбаҳодиҳии 3.1**

Як ё якчанд ҷавобҳои дурустро қайд кунед:

**1. Вазъияти таълимӣ аз супориши маъмулӣ бо чӣ фарқ мекунад?**
A. Азбар кардани шарҳи ҳоли муаллифро талаб мекунад.
B. Дар он унсури интихоб ва ноаёнӣ мавҷуд аст.
C. Ҳамеша бо таҳлили сохтори матн алоқаманд аст.
D. Андешаронӣ ва муҳокимаро тақвият медиҳад.

**2. Кадом вазъият ба вазъияти таълим наздиктар аст?**
A. Порае аз асарро хонед ва ба саволҳо ҷавоб диҳед.
B. Ду нуқтаи назарро дар бораи қаҳрамон ё низоъ муқоиса кунед.
C. Рӯйхати истилоҳоти адабиро тартиб диҳед.
D. Вазъиятҳои калидиро аз асарҳо ҷудо нависед.

**3. Чӣ сабаб мешавад, ки вазъияти таълим як қисми муҳити таълимӣ гардад?**
A. Ҷавобҳои дурусти хонандагон ба мавзуъ
B. Имкони муҳокима ва интихоби мавқеъ
C. Истифодаи муаррифӣ
D. Вақти бештар барои шарҳи мавзуъ

**4. Мувофиқ гардонед: унсури вазъияти таълим ва тавсифи он**

| **Унсур** | **Тавсиф** |
|---|---|
| A. Мазмун | 3. Сужети зинда, ки ба маънии вазъият шакл медиҳад |
| B. Мушкилот | 1. Супорише, ки андешаронӣ ба вуҷуд меорад |
| C. Амал | 2. Таҳлил, муқоиса, муҳокимаи роҳҳо |
| D. Интихоб | 4. Қарори асоснокшуда дар асоси таҳлил |
| **Ҷавоби Шумо:** | A - B - C - D - |

**5. Мувофиқ гардонед: салоҳият ва намунаи татбиқи он дар вазъияти таълим**

| **Салоҳият** | **Татбиқ** |
|---|---|
| A. Тафаккури интиқодӣ | 4. Арзёбии паёмадҳо, пешгӯӣ |
| B. Эҷодкорӣ | 3. Пешниҳоди роҳҳои ғайримаъмулии ҳалли масъала |
| C. Муошират | 1. Муҳокимаи далелҳо дар гурӯҳ |
| D. Маҳорати омӯхтан | 2. Таҳлили хатоҳо, баррасии таҷрибаи худ |
| **Ҷавоби Шумо:** | A - B - C - D - |

## Саволҳо барои робитаи мутақобила

**I. Дарки маънои калидӣ**

1. Вазъияти таълим аз супориши маъмулӣ чӣ фарқ дорад?
2. Чаро вазъияти таълимиро як қисми муҳити таълимӣ меҳисобанд, на танҳо як усули кор?
3. Кадом унсурҳои сохтори вазъияти таълим барои шумо равшананд? Кадомашон то ҳол душвор менамоянд?
4. Чӣ гуна шумо робитаи сохтори вазъияти таълимиро бо инкишофи салоҳиятҳои калидӣ дарк мекунед?

**Шакл:** муҳокимаи дунафарӣ ё дар гурӯҳҳои хурд

II. **Худбаҳодиҳии таҷрибаи шахсӣ**

1. Яке аз дарсҳои охири худро ба ёд оваред — оё дар он вазъияте буд, ки ба вазъияти таълим монанд бошад?
2. Кадом унсурҳоро (мазмун, мушкилот, амал, интихоб, натиҷа) шумо аллакай истифода мебаред — огоҳона ё беихтиёр?
3. Дар сохтани супоришҳое, ки дорои интихоб, ноаён ё муҳокима ҳастанд, кадом душвориҳоро эҳсос мекунед?

**Шакл:** навиштаҳои инфиродӣ + мубодилаи афкор (дунафарӣ)

**III. Гузариш ба амал**

1. Кадом як қадами аввалро метавонед барои он гузоред, ки супориши шумо бештар ба вазъияти таълим монанд шавад?
2. Кадом мавзуи барномаи дарсиро шумо барои эҷоди вазъияти таълим умедбахш меҳисобед? Чаро?
3. Дар татбиқи вазъиятҳои таълимӣ кадом мушкилотро мебинед? Чӣ метавонад дар рафъи ин мушкилот кумак кунад?

**Шакл:** қайдҳои инфиродӣ + муҳокима дар гурӯҳҳои хурд

## МАШҒУЛИЯТИ 2

**НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ:**

**3.** Аломатҳои вазъияти таълимро дар таҷриба **муайян кардан.**

**4.** Вазъиятҳои таълимро бо дарназардошти сохтор ва мундариҷаи мавзуъ **таҳия намудан.**



## ДАРСИ АМАЛӢ: ТАҲИЯИ ВАЗЪИЯТҲОИ ТАЪЛИМ

### МАШҚИ 1. Санҷиши ташхисии вазъияти таълим

**Мақсад**: фарқияти байни вазъияти таълимӣ ва супориши одии таълимиро омӯхт, инчунин кадом унсурҳои супориш ба рушди салоҳиятҳои 4К+ равона мегарданд, муайян намуд.

**Шакли кор:** Дунафарӣ ё кор дар гурӯҳҳо

**Марҳилаҳои иҷро:**

**Қадами 1.** Бо лаҳзаҳои дарс шинос шавед.

**Қадами 2.** Бо истифода аз **варақаи санҷишӣ** ҳар як лаҳзаро таҳлил намоед.

**Қадами 3.** Барои ҳар лаҳза хулоса бароред:

- Оё онро метавон *вазъияти таълим* номид?
- Агар не, пас бояд чӣ тағйир дода шавад, то ки супориш ба *вазъият* табдил ёбад?

**Лаҳзаҳо аз дарс**

**Лаҳзаи 1.**

Омӯзгор мегӯяд: «Матнро хонед, дар он калимаҳои сохта (бо пасвандҳо сохташуда)-ро аз матн ҷудо кунед ва маъниашонро шарҳ диҳед». Пас аз иҷро — муҳокима.

**Лаҳзаи 2.**

Омӯзгор савол медиҳад: «Дар забони тоҷикӣ калимаҳое мавҷуданд, ки аз арабӣ, туркӣ ва русӣ гирифта шудаанд? Кадоме аз онҳоро медонед? Роҳҳои иқтибосшавии калимаҳо кадомҳоянд? Чӣ гуна калимаҳои иқтибосӣ дар забони тоҷикӣ тағйир ёфтаанд? Хонандагон 2 дақиқа мулоҳиза карда, сипас муҳокима мекунанд.

**Лаҳзаи 3.**

Омӯзгор мавзуи «Сохтори синтаксикии забони тоҷикӣ»-ро шарҳ медиҳад. Баъдан хонандагон чанд ҷумлаи додашударо бо тағйири тартиби калимаҳо навишта, мефаҳманд, ки чӣ гуна сохтор ба маъно таъсир мерасонад.

**Лаҳзаи 4.**

Дар лавҳи синф рӯйхати калимаҳо бе матн навишта шудааст. Вазифаи хонандагон — тартиб додани ҷумлаҳои маънодор бо истифодаи дурусти ин калимаҳо. Баъдан муҳокима баргузор мегардад: кадом калимаҳо бештар истифода мешаванд, кадомашон камтар ва сабаби ин фарқият дар чист.

**Лаҳзаи 5.**

Мавзуъ: «Услуби расмӣ ва гуфтугӯии забони тоҷикӣ» Хонандагон дар ду гурӯҳ муттаҳид мешаванд — ҷонибдорони риояи қатъии меъёрҳо ва ҷонибдорони чандирии забон. Ҳар гурӯҳ далелҳои худро тартиб медиҳад, бо овардани мисолҳо аз матнҳои расмӣ ва гуфтугӯйӣ. Пас аз муҳокима, овоздиҳии умумӣ баргузор мегардад.

**Варақаи санҷишӣ: Таҳлили вазъияти таълим**

| Унсури вазъият | Савол барои таҳлил | ✔ / ✗ / ? |
|---|---|---|
| **Мазмун** | Оё вазъияти воқеӣ ё эътимодбахш мавҷуд аст? | |
| **Мушкилот** | Оё зиддият, саволи мушкил ё вазифаи ғайриодӣ пешниҳод шудааст? | |
| **Амал** | Оё хонанда бояд таҳлил, муҳокима, эҷод ё интихоби амалӣ кунад? | |
| **Интихоб** | Оё лозим аст, ки қарор қабул ва асоснок карда шавад? | |
| **Натиҷа** | Оё натиҷа вуҷуд дорад: хулоса, тавсия? | |
| **Салоҳиятҳо** *(4К+)* | Кадом салоҳиятҳо фаъол мешаванд? (нависед) | |

✔ – ҳаст; ✗ – нест; **?** – норӯшан, қисман.

**МАШҚИ** 2: **Таҳлили вазъияти тайёр**

**Ҳадаф:** муайян кардани сохтори вазъияти таълимро омӯхта, имкони онро барои рушди салоҳиятҳои калидӣ арзёбӣ намудан.

**Шакл:** кори гурӯҳӣ

**Қадамҳо:**

**Қадами 1.** Бо вазъияти пешниҳодшуда шинос шавед.

**Қадами 2.** Сохтори онро таҳлил намоед, ки кадом намуд аст?

**Қадами 3.** Муҳокима кунед: кадом салоҳиятҳои калидӣ фаъол мешаванд.

**Қадами 4.** Пешниҳод кунед: барои беҳтар кардани вазъият чиро бояд илова кард?

**Мавзуъ:** *«Достони “Рустам ва Суҳроб”»* – синфи 8

**Вазъияти таълим:** Тасаввур кунед, ки қаҳрамони «Шоҳнома» Рустам пешгӯӣ мекунад, ки ӯро ҷанги фоҷиабор бо як ҷанговари номаълум интизор аст. Аммо ӯ бояд интихоб кунад:

1. Аз рӯйи анъана ба ҷанг биравад, бе донистани ҳақиқат.
2. Ё ҷустуҷӯй кунад, то шахсияти рақиброфаҳмад.

Хонандагон ба гурӯҳҳо ҷудо мешаванд: муҳофизони суннатҳо, таърихшиносон, равоншиносон ва ҳар гурӯҳ мавқеи худро асоснок мекунад.

**Таҳлили вазъият**

| Унсур | Чӣ зоҳир мешавад? |
|---|---|
| **Мазмун** | Асари бадеӣ, ки бо арзишҳои суннатӣ ва ахлоқӣ иртибот дорад — робита бо зиндагии маънавӣ ва ахлоқии хонандагон мумкин аст. |
| **Мушкилот** | Муаммо: қаҳрамон — интихоб миёни оин ва дарки масъулият. |
| **Амал ва интихоб** | Таҳлил, ҷустуҷӯйи далелҳо, ҳимояи мавқеъ — мутмаинан фаъол аст. |
| **Натиҷа** | Муаррифии гурӯҳҳо, далелҳо, муқоиса ё матни эҷодӣ — шакли натиҷа кушода аст. |

**Фаъолшавии салоҳиятҳои калидӣ**

| Салоҳият | ✔/✗ | Чӣ гуна зоҳир мешавад? |
|---|---|---|
| **Тафаккури интиқодӣ** | ✔ | Таҳлил ва муқоисаи ду мавқеи ахлоқӣ ва фарҳангӣ |
| **Эҷодкорӣ** | ✔ | Пешниҳоди анҷомҳои алтернативӣ, эҳёи образҳо |
| **Муошират** | ✔ | Ифодаи фикр, мубодилаи далелҳо дар гурӯҳ |
| **Ҳамкорӣ** | ✔ | Тақсими нақшҳо, баҳсу ҳамфикрӣ дар гурӯҳ |
| **Қобилияти омӯзиш** | ✔ | Ҷустуҷӯйи далелҳо аз матн, тавсеаи фаҳмиш, дарк аз таҷриба |

**Чӣ метавон илова кард:**

- Масъаларо мушаххастар кард: «Оё эҳтиром ба анъанаҳо метавонад бо ахлоқи шахсӣ дар зиддият бошад?»
- Бахши эҷодӣ: Сохтани маҷлиси таърихӣ ё саҳнаи рӯ ба рӯи Рустам бо рақиб.
- Воситаҳо:
    - Истифодаи нақшаҳо ё харитаи вазъиятҳо;
    - Муаррифии мавқеи гурӯҳҳо (лавҳа, инфографика).

**МАШҚИ 3: Таҳияи вазъияти таълим**

**Ҳадаф:** Омӯзиши эҷоди вазъияти содаи таълимӣ дар асоси мавзуи барномаи дарсӣ.

**Шакл:** кори дунафарӣ

**Қадамҳо:**

1. Як мавзуъ аз адабиёти тоҷик барои синфҳои 7–11 интихоб намоед.
2. Сохтори вазъиятро таҳия кунед:
    - Мазмун
    - Мушкилот
    - Амалу интихоб
    - Натиҷа

**Намуна барои тарҳрезии вазъияти таълимӣ**

| Бахш | Шарҳи вазъияти шумо |
|---|---|
| **Мавзуъ, синф** | |
| **Мазмун**<br>(Куҷо ва дар кадом вазъ сурат мегирад) | |
| **Мушкилот**<br>(Зиддият, муаммо ё масъалаи гуногунтафсир) | |
| **Амал ва интихоб**<br>(Чӣ бояд иҷро шавад, чӣ гуна қарор қабул шавад) | |
| **Натиҷа**<br>(Хулоса, мавқеъ, маҳсул ё пешниҳоди мушаххас) | |
| **Салоҳиятҳои 4К+** (Кадоме фаъол мешавад ва чӣ гуна зоҳир мегардад) | |
| **Арзиши инфиродӣ** (Барои хонанда чӣ маъно, манфиат ё шавқоварӣ дорад) | |

### Машқи 4: Худбаҳодиҳӣ ва арзёбии ҳамдигар

**Ҳадаф:** Омӯхтани баҳогузорӣ ба вазъиятҳои таълимӣ бо назардошти сохтор, мантиқ ва тавонмандии рушди салоҳиятҳо.

**Шакл:** Дунафарӣ

**Қадамҳо:**

**Қадами 1.** Лоиҳаи худро бо ҳамкасбатон мубодила кунед.

**Қадами** 2. Лоиҳаи шариконро бодиққат хонед.

**Қадами 3.** Бо истифода аз варақаи санҷишӣ робитаи мутақобилаи муфассал диҳед:

- Чӣ хуб кор мекунад?
- Чиро метавон такмил дод?
- Кадом унсур ниёз ба таҳрир дорад?

**Қадами** 4. Муҳокима кунед, фикрҳои пешниҳоднамудаи худро асоснок намоед.

**Варақаи санҷиши вазъияти таълим**

| Унсур | Савол барои таҳлил | Хол (1–3) |
|---|---|---|
| **Мазмун ва мушкилот** | Оё шароити воқеӣ мавҷуд аст? Мушкилот равшан аст? | |
| **Амал ва интихоб** | Оё таҳлил, муҳокима ё интихоби воқеӣ лозим аст? | |
| **Натиҷа** | Оё натиҷа равшан аст? Тавсия ҳаст? | |
| **Салоҳиятҳои 4К+ (калидӣ)** | Оё яке аз онҳо воқеан фаъол мешавад? | |
| **Арзишҳо барои хонанда** | Оё хонанда ҳис мекунад, ки ин мавзуъ барои ӯ муҳим ё шавқовар аст? | |
| **Дақиқӣ ва татбиқшавӣ** | Оё супориш равшан ва воқеан дар шароити дарсӣ татбиқшаванда аст? | |

**Тавсияҳо доир ба робитаи мутақобила**

- **Баҳои «дуруст/ нодуруст» нагузоред.**
- **На танҳо норасоиро ишора кунед,** балки пешниҳод намоед: чӣ гуна метавон онро пурратар кард.
- Фикру мулоҳиза **мубодилаи таҷриба аст,** на мусобиқа.
- **Зикр кунед, ки кадом идеяҳои ҳамкорон** барои шумо ҷолиб буданд ва мехоҳед дар таҷрибаатон истифода баред.
- **Бозгардед ба вазъияти худ** ва онро бо дарназардошти маслиҳатҳои гирифташуда такмил диҳед.

# МАВЗУИ 2

## Таълими ҷумлаҳои мураккаб чӣ гуна ба ташаккули салоҳиятҳои калидӣ мусоидат менамоянд?

**Чиро донистан муҳим аст?**

- Сохтори вазъияти таълимӣ: мазмун, мушкилот, амал, интихоб, натиҷа.
- Гунаҳои усулҳои эҷодӣ ва супоришҳо, ки ба азхудкунии ҷумлаҳои мураккаб равона шудаанд.
- Алоқаи салоҳиятҳои фаннӣ ва калидӣ тавассути фаъолияти забонӣ.
- Имкониятҳои ҳамгироии намунаҳои эҷодӣ ба сохтори дарс бе гум гаштани мазмуни фаннӣ.

**Чиро бояд тавонем?**

- Таҳияи вазъиятҳои таълимӣ, ки ба рушди малакаҳои синтаксисӣ равона шудаанд.
- Таҳияи супоришҳое, ки дар онҳо наҳв барои рушди тафаккур, муошират ва дарки навиштан хизмат мекунад.
- Мутобиқсозии усулҳо ба сатҳ ва ниёзҳои хонандагон.

**Саволҳои асосӣ барои муҳокима:**

- Чӣ тавр омӯзиши ҷумлаҳои мураккабро барои наврасон ҷолиб намоем?
- Фарқи вазъияти таълимӣ аз машқи маъмулӣ дар чист?
- Барномаи таълимӣ ва рушди малакаҳои эҷодиро чӣ гуна дар дарсҳои забон ҳамгиро кардан мумкин аст?
- Чӣ гуна грамматика на танҳо ба як низоми қоидаҳо, балки ба воситаи ифодаи маънӣ табдил меёбад?

**НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ**

Пас аз анҷоми мавзуъ шумо метавонед:

1. Вазифаи педагогии вазъиятҳои таълимро фаҳмида, сохтори онҳоро шарҳ диҳед.
2. Истифодаи усулҳои эҷодӣ барои ташкили вазъиятҳои таълимӣ, ки ба рушди малакаҳои синтаксисӣ ва салоҳиятҳои калидӣ равона шудааст.
3. Иҷрои супоришҳои эҷодӣ, ки ба рушди дарки навишт, хониши таҳлилӣ ва дониши наҳвӣ мусоидат мекунанд.

# Муқаддима

Ҷумлаҳои мураккаб яке аз мавзуъҳои барномаи таълимии мактабӣ ба шумор меравад. Дар дарсҳо аксаран омӯзиш ба ҷадвали пайвандакҳо, қоидаҳои аломатгузорӣ ва таҳлили беохир маҳдуд мешавад. Аммо оё шумо фикр кардаед, ки чӣ гуна метавон ин мавзуъро ба фазои рушди тафаккур, муошират ва эҷод табдил дод?

Ин мавзуъ ба омӯзиши ҷумлаҳои мураккаб назари нав пешниҳод мекунад. Мо нишон медиҳем, ки чӣ гуна метавон бо ин мавзуъ тавассути вазъиятҳои таълимӣ, супоришҳои эҷодӣ ва усулҳои ғайриодӣ кор кард, то ки наҳв (синтаксис) на як маҷмуи қоидаҳо, балки **воситаи тафаккур** ва **ифодаи андеша гардад.**

**Дар машғулияти аввал,** шаш вазъияти таълимӣ таҳлил мешаванд, ки ҳар кадом як усули муайянро ошкор месозад, аз сохтани сужет ва матнҳои тасвирӣ то таҳияи робитаҳои мантиқӣ ва нутқи далелнок.

**Машғулияти дуюм** амалӣ аст. Шумо худро дар нақши хонандагон меозмоед: супоришҳои эҷодиро иҷро мекунед, баёни худро таҳлил ва бо дарназардошти масъалаҳои наҳв (синтаксис) тартиб медиҳед. Ин машғулият ба шумо имкон медиҳад, ки вазъияти таълимиро аз дарун эҳсос кунед ва бубинед, ки он чӣ гуна фаъол мешавад.

Умедворем, ки дар ин мавзуъ шумо шаклҳои нави корро дарёфт мекунед ва бе аз даст додани мазмун ва мутобиқат ба барнома, ба дарс бозӣ, шавқ ва саҳми шахсиатонро ҳамроҳ менамоед.

## Шарҳи мафҳумҳои асосӣ

**Салоҳиятҳои фаннӣ** – маҳоратҳое, ки ба азхудкунии мазмуни таълимӣ марбутанд (масалан, донистани хелҳои ҷумлаҳои мураккаб, истифодаи дурусти аломатҳои китобат, таҳлили синтаксисӣ).

**Салоҳиятҳои калидӣ** – малакаҳои универсалӣ, ки аз доираи як фан берун мераванд: маҳорати андешаронии интиқодӣ, кор дар даста, баён ва ҳимояи андешаи худ, истифодаи дар вазъиятҳои гуногун.

**Вазъияти таълимӣ** – супорише бо сохтори дохилӣ (мазмун, мушкилот, амал, интихоб, натиҷа) имкон медиҳад, ки маводди таълимӣ аз худ карда шавад ва салоҳиятҳои калидӣ рушд ёбанд.

**Таффакури эҷодӣ** – қобилияти пешниҳод кардани ғояҳои ғайриодӣ, ёфтани роҳҳои ҳалли аҷиб, истифодаи тахайюл барои ибрози андешаҳо, таҳияи матнҳо ва намунаҳо.

**Малакаҳои коммуникативӣ (муошират)** – маҳорати равшан баён кардани фикр, гӯш кардани дигарон, иштирок дар муҳокима ва пешниҳоди идеяҳо, ҳамкорӣ дар гурӯҳ.

**Далеловарӣ бо қолаби МШДХ** – сохтори пешниҳоди далелҳо: ихтисорҳо аз калимаҳои

**М — матлабе**, ки мо онро исбот мекунем ё муҳим мешуморем.
**Ш — шарҳ** медиҳем, ки чаро мо онро муҳим мешуморем.
**Д — далел:** исботе, ки изҳорот ва шарҳи моро тасдиқ мекунанд.
**Х — хулоса:** натиҷаҳои мантиқӣ, ҷамъбаст.

**Алоқамандии сабабу натиҷа** – робитаи мантиқӣ байни амалҳо ё падидаҳо, ки яке натиҷаи дигар аст; бештар дар ҷумлаҳои мураккаби тобеъ вомехӯрад.

## МАШҒУЛИЯТИ 1

### НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ:

1. Вазифаи педагогии вазъиятҳои таълимро фаҳмида, сохтори онҳоро шарҳ диҳед.
2. Истифодаи усулҳои эҷодӣ барои ташкили вазъиятҳои таълимӣ, ки ба рушди малакаҳои синтаксисӣ ва салоҳиятҳои калидӣ равона шудааст.



### АЗ МИСОЛҲОИ СОДА ОҒОЗ МЕКУНЕМ

**Чиро медонед ва мефаҳмед?**

***Дар поён якчанд ақида дар бораи усулҳои таълим оварда шудааст.*** Дар гурӯҳҳо ҳар як ақидаро муҳокима кунед ва яке аз ҷавобҳои **дуруст ё нодурустро** қайд кунед.

1. Аввал бояд хонандагон малакаҳои фанниро аз худ кунанд, сипас салоҳиятҳои калидиро бояд рушд дод. ____________________
2. Пеш аз гузаштан ба муносибати босалоҳият дар таълим салоҳиятҳои калидиро дар хонандагон ташаккул бояд дод. ____________________
3. Омӯзиши ҷумлаҳои мураккаби пайваст имкон намедиҳад, ки салоҳиятҳои фаннӣ ва калидӣ ҳамзамон рушд ёбанд. ____________________
4. Муносибати босалоҳият дар таълим кори гурӯҳиро дар бар намегирад, зеро хонандагон бояд мустақилона омӯзанд. ____________________
5. Муносибати босалоҳият дар таълим омӯзиши забонро дуюмдараҷа мекунад, зеро таваҷҷуҳ аз қоидаҳо ба муҳокима мегузарад. ____________________
6. Дар муносибати анъанавӣ омӯзиши ҷумлаҳои мураккаби пайваст танҳо ба муайян кардани хелҳо ва гузоштани аломатҳои китобат маҳдуд мешавад.______________
7. Салоҳиятҳои фаннӣ танҳо ба донистани қоидаҳои грамматикӣ ва аломатҳои китобат равона шудаанд. ____________________

## ЧИРО БОЯД ДОНЕД?

**Варақаи иттилоотии 3.2-ро бо диққат хонед, сипас сатҳи фаҳмиши худро тавассути варақаи санҷишии 3.2. санҷед.**

**Варақаи иттилоотии 3.2**

### 1. Маъно ва вазифаҳои ҷумлаҳои мураккаби пайваст дар нутқ

Хонандагон ҳатто бе омӯзондани омӯзгорон ҳам пайваста, дар гуфтугӯҳои рӯзмарра, муҳокимаву баҳсҳо, умуман дар нутқи худ аз ҷумлаҳои мураккаб истифода мебаранд. Онҳо ҷумлаҳоро бе огоҳӣ аз қоидаҳо ва истилоҳҳо анҷом медиҳанд. Аз ҳамин сабаб, мо дар бораи он, ки чӣ гуна сохтори чунин ҷумлаҳоро шарҳ диҳем ё кадом ҷадвалҳоро истифода барем, сухан намеронем, зеро шумо аллакай дар амал инро хуб иҷро мекунед.

Вазифаи мо як қадам пештар рафтан аст. Мо мехоҳем ба ҷумлаҳои мураккаб на ҳамчун мавзуи грамматикӣ, балки ҳамчун воситаи тафаккур ва ифодаи маъноҳои мураккаб назар кунем. Яъне, фаҳмем, ки кор бо ин мавзуъ чӣ гуна метавонад ба рушди салоҳиятҳои калидӣ мусоидат кунад.

Дар назари аввал, грамматика ва салоҳиятҳои калидӣ ду соҳаи ҷудогона менамоянд. Аммо агар амиқтар назар кунем, мебинем, ки маҳз дар мисоли ҷумлаҳои мураккаб метавон дид, ки мазмуни фаннӣ заминаи рушди тафаккур, нутқ, қобилияти муошират ва таҳлил мегардад.

Барои он ки муҳокима мушаххас бошад, мо маълумоти асосиро дар бораи ҷумлаҳои мураккаби пайваст ба таври амалӣ ёдрас мекунем. Мо мехоҳем бубинем, ки ин навъи ҷумла чӣ гуна робитаҳои мантиқӣ эҷод мекунад ва ба хонанда дар тартиб додани андешаҳо чӣ тавр ёрӣ мерасонад.

**Ҷумлаҳои мураккаби пайваст (ҶМП):**

**ҶМП чист?** Ҷумлаи мураккаби пайваст. Ҷумлае, ки аз ду ё зиёда ҷумлаҳои содаи баробарҳуқуқи маъноӣ иборат аст, ки бо пайвандакҳои пайвасткунанда алоқаманд шудаанд. Ин гуна ҷумлаҳо муносибати мантиқӣ байни қисмҳои худ доранд, масалан, сабаб, натиҷа, муқоиса, муқобила, шарт ва ғайра.

**Хелҳои ҶМП:**
- **Пайиҳам**
- **Хилофӣ**
- **Ҷудоӣ**

**Барои чӣ лозим аст?** ҶМП нутқро алоқаманд мекунад, имкони муқоиса, дақиқсозӣ ва ифодаи интихобро фароҳам меорад. Онҳо табиӣ ба вуҷуд меоянд, вақте хонанда андеша мекунад, шарҳ медиҳад, далел меорад, яъне дар фаъолияти маърифатӣ иштирок мекунад.

Пас, саволи калидӣ ин аст: **чӣ гуна хонандаро ба фаъолияти таълимие ҷалб кунем, ки дар он ҶМП аз матни худи ӯ пайдо шавад?** Яъне, наҳв на аз манбаъҳои гуногун (китоби дарсӣ, сарчашмаҳои илмӣ) пешниҳод мешавад, балки аз кӯшиши баён кардани андеша, пайваст кардани идеяҳо ва таҳияи матну эҷоди ҳикоя ба вуҷуд меояд.

Дар ин марҳила ду роҳ имконпазир аст:
- **Аз назария ба амал**: аввал ҷадвалу хелҳои пайвандакҳоро нишон медиҳем, сипас ба супоришҳо мегузарем.
- **Аз амал ба назария**: аввал ба хонанда озодии эҷод кардан медиҳем, баъдан якҷоя таҳлил мекунем, ки чӣ гуна робитаҳои маъноӣ сохта шудаанд ва кадом шаклҳои грамматикӣ интихоб шудаанд.

Дар мавзуи ҶМП чунин муносибат на танҳо имконпазир, балки аз лиҳози методӣ асоснок аст, хусусан агар тавассути супоришҳои эҷодӣ кор карда шавад.

Инро дар мисоли як вазъияти мушаххаси таълимӣ баррасӣ мекунем, ки дар он матни эҷодкардаи хонанда ҳамчун нуқтаи оғоз барои дарки робитаҳои синтаксисӣ ҳисоб мешавад.

## 2. Ҳалли методӣ: қолабҳои эҷодӣ ва вазъиятҳои таълимӣ

### 1. Вазъияти таълимии «Ҷуфтҳои фантастикӣ: аз калимаҳо то ҳикояҳо» (биноми фантазия)

**«Биноми фантазия»** — усули эҷоди ҳикояҳоест, ки аз ҷониби Ҷанни Родари пешниҳод шудааст. Он ба пайваст кардани ду калимаи дур аз лиҳози маъно асос ёфтааст, то матни ғайриодӣ ба вуҷуд ояд. Шарти асосӣ — набудани робитаи равшани маъноӣ байни калимаҳо. Масалан, «мӯза» ва «бодом» — як ҷуфти муваффақ, зеро тасаввуроти ғайриинтизорро ба вуҷуд меоранд.

**Марҳилаи 1: Тартиб додани таркибҳои калимавӣ**

Хонандагон дар ҷуфтҳо кор мекунанд:

- Аз рӯйхат ду калимаи дур аз лиҳози маъно интихоб мекунанд ё худ фикр мекунанд (масалан: сангпушт ва тӯб).
- 4–5 таркиб бо истифода аз пешояндҳо (дар, зери, байни, назди, аз миён, аз паси, дар канори ва ғ.) месозанд.

Кор бо шавқ ва фаъолона пеш меравад: таркибҳои ғайриодӣ таваҷҷуҳро бедор мекунанд, тахайюл фаъол мешавад.

**Мисолҳо:**

- сангпушт зери тӯб
- тӯб бар сари сангпушт
- сангпушт дар тӯб
- сангпушт назди тӯб
- сангпушт аз миёни тӯб гузашт
- тӯб байни ду сангпушт қарор гирифт

**Марҳилаи 2: Аз таркиби калимавӣ то ҷумла**

Бар асоси таркибҳо ҷумлаҳои сода сохта мешаванд. Кор осон ва бо шавқ пеш меравад: тасвирҳо аллакай вуҷуд доранд, ҷумлаҳо озодона ба вуҷуд меоянд.

**Мисолҳо:**

- Сангпушт зери тӯб хобида буд.
- Тӯбро бар сари сангпушт дам мекарданд.
- Сангпушт ба тӯб даромад ва дар осмон парвоз кард.
- Дар миёни тӯбҳои ранга сангпушт зиндагӣ мекард.

**Марҳилаи 3: Аз ҷумла то матни кӯтоҳ**

Бар асоси ҷумлаҳои сода як ҳикояи кӯтоҳи пайваста (5–7 ҷумла) эҷод карда мешавад. Хонандагон аллакай ба сужети худ ҷалб шудаанд, ҳар ҷуфт ҳикояи худро дорад, тасаввуроту тахайюл фаъоланд. Хонандагон мехоҳанд идома диҳанд, анҷоми худро фикр карда, онро нақл кунанд.

**Мисоли матн:**

Тӯб зери сангпушт ғелид ва сангпушт фикр кард, ки ин як болишти нарм аст. Ӯ бар он нишаст, вале тӯб ногаҳон парид ва сангпуштро ҳам бо худ бурд. Дар аввал ӯ тарсид, вале баъд шод шуд, зеро шамол рост ба рӯяш мезад. Ӯ аз болои боғе парвоз кард, ки дар он кӯрмушҳои ҳайрон мечархиданд. «Аҷаб коре шуд, — фикр кард сангпушт, — чӣ тавр мешавад, тӯбро бо болишт иштибоҳ кунӣ!»

**Марҳилаи 4. Аз матн то таҳлили синтаксисӣ**

Пас аз муаррифиҳои кӯтоҳ, метавон ба таҳлили синтаксисӣ гузашт. Дар ҳикояҳои эҷодкардаи хонандагон ҳатман ҷумлаҳои мураккаби пайваст пайдо мешаванд, ва таҳлили онҳо бар асоси матни худи хонанда равшан ва шавқовар аст.

*Хелҳои пайвандакҳо ва вазифаи онҳо шарҳ дода мешаванд:*

- **«ва»** — амалҳоро пайваст мекунад;
- **«аммо»** — ногаҳонӣ ё муқобилгузориро нишон медиҳад;
- **«чун кӣ»** сабабашро шарҳ медиҳад.

Чунин таҳлил аз ҷониби хонандагон ҳамчун идомаи табиии фаъолияти эҷодӣ қабул мешавад ва онҳо мебинанд: синтаксис дар нутқи зинда чӣ гуна кор мекунад.

**Сохтори вазъияти таълимӣ**

Тарзи ташкил кардани кор — инфиродӣ, дар ҷуфтҳо ё гурӯҳҳо — аз ҳадаф ва вазифаҳои омӯзгор вобаста аст. Дар ин мисол мо қолаби кори ҷуфтиро интихоб кардем, зеро он имкони фаъолсозии ҳар як хонандаро бештар фароҳам меорад: идеяи як нафар тасаввуроти дигарро бедор мекунад, тафаккури муштарак ба вуҷуд меояд.

Чунин кори эҷодӣ ба ҷалби табиии хонандагон мусоидат мекунад ва ҳавасмандиро ба вуҷуд меорад. Дар натиҷа, яке аз таъсирҳои муҳимми педагогӣ ба вуҷуд меояд: **хонандаи шавқмандро омӯзонидан осонтар ва самарабахш аст.**

**Марҳилаҳои кор бо «ҷуфтҳои фантастикӣ» чунинанд:**

1. **Интихоби объектҳо ва сохтани таркибҳои калимавӣ бо пешояндҳо.** Хонандагон ду объекти дур аз лиҳози маъно интихоб мекунанд ва бо пешояндҳо 4–5 таркиби калимавӣ месозанд.
2. **Сохтани ҷумлаҳои сода.** Бар асоси таркибҳо, хонандагон ҷумлаҳои содда менависанд.
3. **Сохтани ҳикояи хурд.** Аз ҷумлаҳо як матни алоқанок (5–7 ҷумла) эҷод мешавад, ки дар он ҳатман 1–2 ҷумлаи мураккаб бошад.
4. **Муҳокима ва таҳлили синтаксисӣ.** Хонандагон ҳикояи худро ба синф пешниҳод мекунанд ё бо ҷуфти дигар иваз мекунанд, то хонанд ва таҳлили синтаксисии ҷумлаҳои мураккаб анҷом дода шавад.

Барои нишон додани тасвири мукаммали усул вазъияти таълимиро ба унсурҳои калидӣ ҷудо мекунем, то ки мантиқ ва сохтор равшан намоён гардад.

**Ҷадвали 1. Сохтори вазъияти таълимии «Ҷуфтҳои фантастикӣ: аз калимаҳо то ҳикояҳо»**

| Унсур | Чӣ гуна дар вазъияти таълимӣ амалӣ мегардад |
|---|---|
| **1. Мазмун** | Омӯзиши асосҳои синтаксисии ҷумлаҳои мураккаби пайваст: намудҳо, сохтор ва вазифаҳо |
| **2. Мушкилот** | Чӣ гуна бо истифода аз калимаҳои тасодуфӣ як матн эҷод кардан ва дар он намудҳои гуногуни ҷумлаҳои мураккаби пайвастро истифода бурдан мумкин аст. |
| **3. Амал** | Кор дар ҷуфтҳо: интихоби калимаҳо, сохтани таркибҳои калимавӣ, табдили онҳо ба ҷумлаҳо, эҷоди матн бо истифодаи се хели пайванндакҳо. |
| **4. Интихоб** | Хонандагон худашон сужет, услуб ва сохтори ҳикояро муайян мекунанд; тасвирҳо, робитаҳо ва пайвандакҳоро озодона интихоб мекунанд. |
| **5. Натиҷа** | Ҳикояҳои хурд (5–7 ҷумла), муаррифии интихобии ҷуфтҳо, таҳлили синтаксисии 1–2 ҷумла |

**Шарҳи методӣ**

1. **Вазъияти «Ҷуфтҳои фантастикӣ» хеле самаранок аст**: он тахайюлро рушд медиҳад, ба забон ҳусн мебахшад ва ба хонанда кумак мекунад, ки аз калимаҳои ҷудогона ба матн гузарад.
2. **Мураккабсозии супориш**: вақте хонандагон усул ва мавзӯъро азхуд мекунанд, метавон вазифа гузошт, ки дар ҳикояи худ се хели ҷумлаҳои мураккаби

пайвастро истифода баранд — бо пайвандакҳои пайвасткунандаи пайиҳам, хилофӣ ва ҷудоӣ.

3. **Аксар вақт дар дарс фурсат намерасад**, ки ҳамаи матнҳоро таҳлил кунем. Дар ин ҳолат метавон аз имкониятҳои муҳити таълим ҳамчун «Омӯзгори сеюм» истифода бурд.

- **Намоиши ҳикояҳо** – корҳои хонандагон дар девори синф, гӯшаи мавзуӣ ё ба шакли нигористон овехта мешаванд (бо шомил кардани таҳлили синтаксисии ҷумлаҳои мураккаби пайваст).
- **Фазои рақамӣ** – корҳои эҷодӣ дар чати умумии синф, дар папкаи Google Drive ё гурӯҳи махсус нашр мешаванд. Дар он ҷо метавон:
    - Ҷумлаҳои мураккаби пайвастро аз матни дигарон муайян кард;
    - Интихоби пайвандакҳоро муҳокима намуд;
    - Анҷомҳои алтернативиро пешниҳод кард.
- **Шакли кори оилавӣ** – хонандагон якҷоя бо волидон ҳикояҳо эҷод мекунанд ва онҳоро дар фазои рақамӣ мубодила менамоянд.

Ин гуна шаклҳои корҳо ҳавасмандиро ба вуҷуд меоранд ва таҳлили грамматикӣ ба як қисми муоширати зинда ва эҷод табдил меёбад.

## 2. ВАЗЪИЯТИ ТАЪЛИМИИ «ОҒОЗРО БО АНҶОМ ПАЙВАСТ НАМО»

Ин усул ба пайваст кардани ду ҷумлаи дур аз лиҳози маъно асос ёфтааст: **оғоз ва анҷом**. Байни онҳо робитаи мантиқӣ вуҷуд надорад ва маҳз ҳамин чиз тахайюлро фаъол мекунад. Хонанда бояд ин ду қисмро бо як «пул» пайваст намояд, яъне як ҳикоя эҷод кунад, ки дар он ҷумлаҳои мураккаби пайваст ба таври табиӣ пайдо мешаванд.

Ин усул барои машқҳои зерин мувофиқ аст:

- сохтани сужет;
- эҷоди робитаҳои мантиқии маъноӣ;
- истифодаи пайвандакҳо

**Марҳилаи 1. Интихоби оғоз ва анҷом**

- Хонандагон ба таври тасодуфӣ оғоз ва анҷоми ҳикояро интихоб (ё тасвир) мекунанд.
- Байни онҳо ҳам аз лиҳози маъно ва ҳам аз лиҳози ҳолати рӯҳӣ гусастагии комил вуҷуд дорад.

***Намунаи** оғозҳо ва анҷомҳо*

| ОҒОЗ | АНҶОМ |
|---|---|
| Яхдон ногаҳон ба гап задан оғоз кард | Курсии чӯбинро ба рангҳои сабз ранг карданд |
| Ӯ даруни борхалта пойафзоҳоро ёфт | Дар шифти хона доғи мураббо боқӣ монд |
| Соат дар синф ба ақиб ҳаракат мекард | Дар ҳаммом як пуфак хобида буд |
| Ба ҷойи дар ҷевони китобҳо буд | Моҳ ба пушти абр пинҳон шуд |
| Зинапоя пас аз зинаи сеюм нопадид шуд | Касе номае бе калима фиристод |

**Марҳилаи 2. Эҷоди ҳикоя (5–7 ҷумла)**

– Ба хонандагон лозим аст матне эҷод кунанд, ки **оғоз ва анҷомро ба ҳам алоқаманд кунад**.
– Дар матн бояд **1–2 ҷумлаи мураккаби пайваст** бо **пайвандакҳои пайвасткунанда истифода** шавад.

**Марҳилаи 3. Муаррифӣ ва таҳлил**

- **Хондани ҳикояҳо** (интихоби озод).
- **Таҳлили синтаксисӣ**: ҷумлаҳои мураккаби пайваст ҷудо карда мешаванд; нақши онҳо дар матн шарҳ дода мешавад; муҳокима мегардад, ки кадом пайвандакҳо робитаҳои мантиқиро ба вуҷуд овардаанд.

Мувофиқи анъанаи мо, ин вазъияти таълимиро аз ҷиҳати сохтори он баррасӣ мекунем, то ки мантиқ, марҳилаҳои дохилии он равшан намоён шаванд.

**Ҷадвали 2. Сохтори вазъияти таълимӣ: «Оғозро бо анҷом пайваст намо»**

| Унсур | Чӣ гуна дар вазъияти таълимӣ амалӣ мегардад? |
|---|---|
| **1. Мазмун** | Омӯзиши асосҳои синтаксисии ҷумлаҳои мураккаби пайваст тавассути навишти эҷодӣ |
| **2. Мушкилот** | Чӣ гуна ду ҷумлаи тасодуфӣ ва дур аз лиҳози маъно (оғоз ва анҷом) ба як матни бо мантиқ табдил меёбанд. |
| **3. Амал** | Хонандагон ба таври тасодуфӣ ҷумлаи оғоз ва анҷомро мегиранд ва сужете эҷод мекунанд, ки онҳоро алоқаманд мекунад. Дар раванди кор аз хелҳои гуногуни пайвандакҳо истифода мебаранд |
| **4. Интихоб** | Озодона жанр, рӯйдод ва воситаҳои синтаксисиро, аз ҷумла ҷумлаҳои мураккаби пайваст, интихоб мекунанд |
| **5. Натиҷа** | Матни кӯтоҳи алоқаманд (5–7 ҷумла), ки 1–2 ҷумлаи мураккаб дорад + таҳлили синтаксисии он |

**Шарҳи методӣ**

1. **Ин усул тафаккури эҷодӣ ва мантиқиро фаъол месозад**: хонанда бояд байни ду рӯйдоди ба ҳам бегона робитаи маъноӣ барқарор кунад.
2. **Кори дунафарӣ ё инфиродӣ ба интихоби омӯзгор вобаста аст**. Муҳим он аст, ки хонандагонро ба сохтани «пулҳои маъноӣ» ҳидоят намоем.
3. **Хусусияти хоси усул дар он аст**, ки ниёз ба грамматика ба таври табиӣ пайдо мешавад: нигоҳ доштани алоқамандии матн бе истифодаи ҷумлаҳои мураккаби пайваст душвор аст.
4. **Супоришро метавон мураккабтар кард**, масалан:
    - истифодаи хелҳои муайяни пайвандакҳо;
    - оғоз кардан аз анҷом ва расидан ба ибтидо;
    - дар байни ҳикоя як гардиши иловагии сужетӣ ворид намудан.

## 3. ВАЗЪИЯТИ ТАЪЛИМИИ «СЕКУНҶАИ СЕҲРНОК»

**«Секунҷаи сеҳрнок»** — модели эҷодии сохтани сужет аст, ки дар асоси ҳамкории ду персонаж (қаҳрамон ва зиддиқаҳрамон) ва як ашёи сеҳрнок бо хусусиятҳои фантастикӣ сохта мешавад.

Ин шакл на танҳо барои эҷоди ҳикояҳо муфид аст, балки имкони **истифодаи ҷумлаҳои мураккаби пайвастро** барои пайвастани амалҳо, муқоисаи онҳо низ фароҳам меорад.

**Марҳилаи 1. Сохтани секунҷа**

- **Дар пояи секунҷа** — ду персонаж қарор доранд: **қаҳрамон ва зиддиқаҳрамон**. Онҳо ҳатман «хуб ва бад» нестанд, вале бояд аз лиҳози ҷаҳонбинӣ, рафтор ва мавқеъ фарқ дошта бошанд.

  *<u>Мисол:</u>* пойафзолҳои кунҷков — соати зангӯладори ҷиддӣ.
- **Дар қуллаи секунҷа** — **ашёи сеҳрнок** ҷойгир аст, ки **функсияи дугона** дорад: амал + тазод.

*Мисол:* оинае, ки оянда ва гузаштаро нишон медиҳад.

**Мисол: вариантҳои секунҷаҳои тайёр**

| Қаҳрамон | Зиддиқаҳрамон | Ашёи сеҳрнок |
|---|---|---|
| Айнаки хаёлпараст | Мисвоки боодоб | Қутбнамое, ки роҳро нишон медиҳад ё раҳгум мезанонад |
| Чойники якрав | Чатри булӯрин | Кубе, ки хурд ё калон мекунад |
| Шамъи хушовоз | Абри танбал | Калиде, ки хотираро мекушояд ё мебандад |

**Марҳилаи 2. Таҳияи хусусиятҳо**

- Персонажҳо хусусиятҳои тасвирнок ва ғайриодӣ мегиранд: **ашёҳои гӯё**, **объектҳое бо эҳсосот ва хислат** (масалан, пойафзолҳои хандон, соати ғамгин).
- Ашёи сеҳрнок бо **ҷуфти хусусиятҳои муқобил** тавсиф мешавад, масалан: *тезондан / суст кардан, намоён / ноаён, пора кардан / якҷоя кардан, калон кардан / хурд кардан ва г.*

**Марҳилаи 3. Сохтани сужет**

- Хонандагон як хатти сужетӣ меофаранд, ки дар он персонажҳо **бо ҳам ва бо ашёи сеҳрнок** ҳамкорӣ мекунанд.
- **Шарт**: дар матн бояд **хелҳои гуногуни ҷумлаҳои мураккаби пайваст** бо пайвандакҳои **ва, аммо, лекин, ё, ё ин ки** истифода шаванд.
- Шакли **ҳикоя** метавонад **афсона**, **мини-ҳикоя** ё **комикс** бошад.

**Марҳилаи 4. Муаррифӣ ва таҳлили синтаксисӣ**

- Ҳикояҳо **бо овоз хонда мешаванд** ё дар **«галереяи матнҳо»** ҷой дода мешаванд.
- Таҳлил гузаронида мешавад:
  - **ҷумлаҳои мураккаби пайваст** ҷудо карда мешаванд.
  - **робитаҳои синтаксисӣ** шарҳ дода мешаванд.
  - **воситаҳои тасвир** муҳокима мегарданд.

Мувофиқи анъана мо вазъияти таълимии «Секунҷаи сеҳрнок»-ро аз рӯйи унсурҳои калидӣ таҳлил мекунем, то сохтор, мантиқ ва иқтидори педагогии онро равшан бинем.

**Ҷадвали 3. Сохтори вазъияти таълимии «Секунҷаи сеҳрнок»**

| Унсур | Чӣ гуна дар вазъияти таълимӣ амалӣ мегардад? |
|---|---|
| **1. Мазмун** | Азхудкунии навишти пайваста ва сохторҳои синтаксисӣ тавассути образҳои афсонавӣ ва фантастикӣ |
| **2. Мушкилот** | Чӣ гуна бо истифода аз хусусиятҳои муқобил, хислатҳо ва унсурҳои фантастикӣ як сужети пурра ва мантиқӣ эҷод кардан мумкин аст |
| **3. Амал** | Хонандагон қаҳрамон, зиддиқаҳрамон ва ашёи сеҳрнокро бо функсияҳои дугона фикр мекунанд; ҳикояе месозанд, ки дар он ҷумлаҳои мураккаби пайваст пайдо мешаванд |
| **4. Интихоб** | Хонандагон хислатҳо, сужет, хусусиятҳои ашё ва намудҳои робитаҳои синтаксисиро мустақилона муайян мекунанд |
| **5. Натиҷа** | Ҳикояи кӯтоҳ бо истифодаи унсурҳои фантастикӣ, бо шомил кардани намудҳои гуногуни ҷумлаҳои мураккаби пайваст ва таҳлили минбаъдаи синтаксисӣ |

**Шарҳи методӣ**

1. Ин усул ба рушди **тафаккури сужетӣ**, **қобилияти тасвирӣ** ва **ҳисси забономӯзӣ** мусоидат мекунад.
2. Дар шакли бозӣ ва эҷодкорӣ хонандагон **сохторҳои грамматики**ро меомӯзанд ва **ҷумла** сохтанро таҷриба мекунанд.
3. **Ҷумлаҳои мураккаби пайваст** ба таври табиӣ, ҳамчун воситаи ифодаи **амал**, **муноқиша** ё **интихоб**, пайдо мешаванд
4. Шаклро гуногун метавон кард:
   - кори **инфиродӣ / дунафарӣ / дар гурӯҳҳо**;
   - мураккабсозӣ тавассути **шомил кардани хелҳои муайяни пайвандакҳо**;
   - сохтани **«занҷираи секунҷаҳо»** (як сужет ба сужети дигар мегузарад).

**4. ВАЗЪИЯТИ ТАЪЛИМИИ «ДАСТУРАМАЛ»**

**Дастурамал** — ин роҳнамои қадам ба қадам барои иҷрои амал аст. Он метавонад **расмӣ ва қатъӣ** бошад (мисли дастурамалҳои техникӣ), **бо лаҳни шӯх**, **афсонавӣ**, ё ба **воситаи фаҳмидани мавзуъҳои таълимӣ** табдил ёбад.

**Сохтори сода:**

– *Аввалин коре, ки бояд анҷом дод...*
– *Баъдан...*
– *Пас аз он...*
– *Ва дар охир...*

**Мисол дар шакли эҷодӣ**

*Дастурамал оид ба истифодаи парвози Аҷузкампир:*

1. Аввал ҷорӯбро бигир — на барои парвоз, балки барои пок кардани пайҳо.
2. Баъдан дар сатил бинишин, вале рӯ ба пеш, на баръакс.
3. Пас аз он, фаромӯш накун, ки ба гӯшҳоят равған бимолӣ, вагарна шамол медарояд ва мағзи саратро мебарорад.
4. Дар охири парвоз барои фуруд омадан — се маротиба ба сӯйи ҷорӯб пуф кардан лозим аст.

Эҷоди дастурамал аз хонанда **фаҳмиши мантиқии амалҳо** ва қобилияти **баёни дақиқи фикрро талаб мекунад.** Барои шарҳ додани он ки чӣ кор бояд кард ва дар кадом тартиб**, лозим аст, ки** муносибатҳои сабабӣ ва замонӣ барқарор карда шаванд**.** Ҳамаи ин ба таври табиӣ хонандаро ба кор бо синтаксис мебарад: ҷумлаҳои мураккаб пайдо мешаванд, пайвандакҳои гуногун истифода мешаванд. Ба ин тартиб, дастурамал на танҳо як машқ, балки воситаи навишт ё гуфтор мегардад.

⇒ **Истифода дар фаъолияти таълимӣ**

**1. Дастурамал оид ба грамматика**

- Навис: Чӣ гуна ҷумлаи мураккаби пайвастро муайян кардан мумкин аст?
- Тартиб деҳ: Нақшаи қадам ба қадам барои таҳлили синтаксисӣ.
- Фикр кун: Агар дар истифодаи хедҳои пайвандакҳо душворӣ кашем, чӣ бояд кард?

**2. Дастурамал дар адабиёт**

- Чӣ гуна барои навиштани иншо омодагӣ бинем?
- Чӣ гуна дар дарси адабиёт далел пешниҳод кунем?
- Чӣ гуна матнро хонем, то маънои пинҳонро дарк кунем?

Барои он ки беҳтар дарк кунем, **ки дастурамали хаттӣ то кадом дараҷа самаранок аст**, онро ба **унсурҳои асосии вазъияти таълимӣ** тақсим мекунем — то ки **мантиқ, сохтор ва гузариш ба амалияи синтаксисӣ** равшан гардад.

**Ҷадвали 4. Сохтори вазъияти таълимии «Дастурамал»**

| Унсур | Чӣ гуна дар вазъияти таълимӣ амалӣ мегардад |
|---|---|
| **1. Мазмун** | Омӯзиши ҷумлаҳои мураккаби пайваст ва робитаҳои синтаксисӣ дар амалияи хаттӣ ё шифоҳӣ |
| **2. Мушкилот** | Пешниҳоди дастурҳои дақиқ ва ҷолиб бо истифодаи сохторҳои гуногуни синтаксисӣ ва пайдарпайии мантиқӣ |
| **3. Амал** | Эҷоди дастурамал. Хонандагон амалҳоро фикр мекунанд ва бо истифодаи хелҳои гуногуни пайвандакҳо онҳоро баён мекунанд |
| **4. Интихоб** | Хонандагон шакли дастурамалро муайян мекунанд (шӯх, афсонавӣ, таълимӣ), услуб ва мазмун, инчунин хелҳои пайвандакҳо ва воситаҳои грамматикӣ |
| **5. Натиҷа** | Дастурамали тайёр (шифоҳӣ ё хаттӣ), ки дар он робитаҳои сабабӣ, замонӣ ва пайваст истифода шудаанд. Муаррифиҳои интихобӣ ва таҳлили сохторҳои синтаксисии истифодашуда |

**Шарҳи методӣ**

1. Дастурамал - ин **воситаи тафаккури эҷодӣ аст.**
2. **Вақте ки худи хонанда қадамҳоро фикр мекунад**, мавод ва тартиби амалҳоро беҳтар дарк мекунад.
3. **Бо истифодаи ҳазлу шӯхӣ ва равиши эҷодӣ**, метавон шиддат ва душвории мавзуъҳоро коҳиш дод.
4. **Дастурамал метавонад хелҳои гуногуни пайвандакҳоро дар бар гирад**, матни пайваста ё ҷадвали возеҳ бошад — дар ҳар сурат, он ҳам **забон** ва ҳам **тафаккур**-ро равнақ медиҳад.

**Хулоса**

Бешак, дар китобҳои дарсии мактабӣ машқҳо, супоришҳо ва тарҳҳои зиёде пешниҳод шудаанд ва ҳар омӯзгор низ маҷмуи усулҳои кории худро дорад. Аммо дар вазъиятҳои таълимии пешниҳодшуда мо қасдан ба **шакли эҷодӣ** таваҷҷуҳ кардем, зеро маҳз ҳамин равиш имконият медиҳад, ки эҷод, тафаккури мантиқӣ, қобилияти омӯзиш, ҳамкорӣ ва муошират якҷоя рушд ёбанд ва муҳимтар аз ҳама, **хонандаро ба раванди таълим ҷалб мекунад.**

Вақте ки хонанда месозад, тасаввур мекунад, меофарад, ӯ амал мекунад (омӯзиш тавассути амал). Ӯ натиҷаи тафаккури худро мебинад ва сохторҳои грамматикӣ дигар «ба номаш» нестанд, балки **воситаи ифодаи фикрҳои шахсӣ** мешаванд.

Шакли эҷодӣ:

- таваҷҷуҳ ва тасаввуротро фаъол мекунад;
- супоришҳоро маънидор месозад;
- ба онҳо аҳамияти шахсӣ медиҳад;
- ангеза ва шавқро ташаккул медиҳад;
- ҳатто сохторҳои душвори синтаксисиро осонтар мегардонад.

Дар асоси матнҳои шахсӣ ва вазъиятҳои тахайюлӣ **омӯзиши робитаҳои синтаксисӣ осонтар ва самараноктар** мегардад. Ҷумлаҳои мураккаб дигар як чизи расмӣ нестанд, онҳо на танҳо маҷмуи қоидаҳо, ба **воситаи тафаккур ва гуфтор** табдил меёбанд,

**Имкониятҳо барои васеъсозӣ**

Вазъиятҳои таълимие, ки мо баррасӣ кардем, ба осонӣ метавонанд **тағйир дода шаванд ё пурра гарданд**. Дар поён чанд вариант оварда шудааст, ки метавонанд **асоси сюжетҳои нав ва кори эҷодии грамматикӣ** бошанд:

- **Монологи ашёи беҷон**: ҳикоят аз номи санге, ки садсолаҳо дар канори роҳ хобидааст.
- **Таърихи ашё**: чойнике, ки дар болои оташдон фаромӯш шудааст, дар бораи чӣ нақл мекунад?
- **Ашёи сайёҳ**: ҷомадоне, ки дар кишварҳои гуногун будааст ва соҳибони аҷибро дидааст.
- **Овоз аз дохил**: монологи оинае, ки асрори соҳибонашро инъикос мекунад.
- **Суҳбати замонҳо**: нома аз «ман»-и оянда ба «ман»-и ҳозира.

Дар ҳамаи ин шаклҳо хонандагон на танҳо навиштан ва ҳикоясозиро машқ мекунанд, балки имконият пайдо мекунанд, ки **навъҳои гуногуни робитаҳои синтаксисӣ**, аз қабили **ҷумлаҳои мураккаби тобеъ (ҶМТ)**-ро истифода баранд. Ба ин тартиб, ҳамаи вазъиятҳои дар боло пешниҳодшуда метавонанд барои омӯзиши ҶМТ низ истифода шаванд.

Онҳоро ба осонӣ метавон мутобиқ ба мавзуъ танзим кард: кофист, ки ба хонандагон супориши равшан дода шавад, ки дар матн **намудҳои муайяни ҷумлаҳои тобеъ** (замон, сабаб, шарт ва ғ.)-ро шомил кунанд.

Акнун биёед чанд вазъияти таълимиро баррасӣ кунем, ки **махсусан барои омӯзиши мавзуи ҶМТ** равона шудаанд.

## 5. ВАЗЪИЯТИ ТАЪЛИМИИ «МУНОЗИРАИ АСОСНОК»

**Вазифа**: таҳияи далелҳо барои баҳс бо истифодаи ҷумлаҳои мураккаби пайваст (ҶМП) ва ҷумлаҳои мураккаби тобеъ (ҶМТ).

**Қадамҳои иҷро:**

1. **Хонандагон дар гурӯҳҳо муттаҳид мешаванд** ва мавзуи баҳс интихоб мекунанд (масалан: «Зарар ва фоидаи шабакаҳои иҷтимоӣ»).
2. **Гурӯҳҳо далелҳои «тарафдор» ва «мухолиф»-ро таҳия мекунанд**, аз ҶМП ва ҶМТ бо пайвандакҳои гуногун истифода мебаранд.

<u>Далелҳо тибқи нақшаи МШДХ таҳия мешаванд:</u>

**М – матлаб**е, ки мо онро исбот мекунем ё муҳим мешуморем.
**Ш – шарҳ** медиҳем, ки чаро мо онро муҳим мешуморем.
**Д – далел**, исбот, ки изҳорот ва шарҳи моро тасдиқ мекунанд.
**Х – хулоса**, натиҷаҳои мантиқӣ, ҷамъбаст.

3. **Гурӯҳҳо далелҳои худро пешниҳод мекунанд**, гурӯҳҳои дигар мантиқи далелҳоро таҳлил мекунанд.

**Намунаи далелҳо аз рӯйи низоми МШДХ**

| Далели «тарафдор»: | **Далели «зид»** |
|---|---|
| **Матлаб (М):**<br>Шабакаҳои иҷтимоӣ ба одамон дар муошират кумак мекунанд. | **Матлаб (М):**<br>Шабакаҳои иҷтимоӣ вақти зиёдро мегиранд. |
| **Шарҳ (Ш):**<br>Хусусан вақте ки онҳо дар шаҳрҳо ё кишварҳои гуногун зиндагӣ мекунанд. | **Шарҳ (Ш):**<br>Хусусан агар шахс натавонад вақти худро дуруст назорат кунад. |
| **Далел (Д):**<br>Зеро бо ёрии шабакаҳои иҷтимоӣ метавон ҳатто аз масофаи дур робитаро нигоҳ дошт. | **Далел (Д):**<br>Дар ин ҳолат, ӯ метавонад самаранокии худро аз даст диҳад, махсусан агар шабакаҳои иҷтимоӣ қисми зиёди рӯзашро ишғол кунанд. |

| | |
|---|---|
| **Хулоса (Х):** Аз ин рӯ, онҳо ба таҳкими дӯстӣ ва муносибатҳо мусоидат мекунанд. | **Хулоса (Х):** Аз ин рӯ, муҳим аст, ки вақти дар интернет гузаронидашуда маҳдуд карда шавад. |

**4. Таҳлили синтаксисӣ**

Ҳар як ҷумла аз рӯйи сохтор таҳлил карда мешавад:

- Ҷудо кардани **ҷумлаҳои мураккаби пайваст** (ҶМП) **ва ҷумлаҳои мураккаби тобеъ** (ҶМТ)
- Муайян кардани навъи ҷумла: пайваст ё тобеъ
- Таваҷҷуҳ ба **накши пайвандакҳо: (**масалан, *«агар» – ифодаи шарт; «аз ин рӯ» – ифодаи натиҷа ва г.).*

Барои пурра кардани тасвир, биёед ин вазъиятро аз рӯйи сохтори вазъияти омӯзишӣ ҷудо менамоем - ин ба мо кумак мекунад, ки роҳҳои ҳамкории ҷузъҳои асосии онро равшан бинем.

**Ҷадвали 5. Сохтори вазъияти таълимии: «Мунозираи асоснок»**

| Унсур | Чӣ гуна дар вазъияти таълимӣ амалӣ мегардад |
|---|---|
| *1. Мазмун* | Омӯзиш ва истифодаи ҷумлаҳои мураккаби пайваст (ҶМП) ва тобеъ (ҶМТ) ҳангоми исбот ва дар нутқи шифоҳӣ |
| *2. Мушкилот* | Далели муътамад ва мантиқӣ сохтан бо истифодаи сохторҳои мураккаби синтаксисӣ |
| *3. Амал* | Кор дар гурӯҳ: таҳияи далелҳо, муаррифӣ, таҳлили синтаксисии ҷумлаҳо |
| *4. Интихоб* | Хонандагон далелҳо, намудҳои сохторҳо, услуби баёнро мустақилона интихоб мекунанд |
| *5. Натиҷа* | Баёнҳои асоснок, таҳлили синтаксисии ҶМП ва ҶМТ, рушди маҳоратҳои гуфтор ва таҳлил |

**Шарҳи методӣ**

1. Вазъияти таълимии «Мунозираи асоснок» ба осонӣ мутобиқ ба шаклҳои гуногуни кор, ҳам шифоҳӣ ва ҳам хаттӣ танзим мешавад. Он маҳоратҳои зеринро рушд медиҳад:
   - гуфтори асоснок ва далелнок,
   - тафаккури мантиқӣ,
   - истифодаи дурусти сохторҳои синтаксисӣ (ҷумлаҳои мураккаби пайваст (ҶМП) ва тобеъ (ҶМТ)).

2. Ин вазъиятро **метавон ба супориши хаттӣ табдил дод** (мини-эссе ё иншо). Дар ин ҳолат, ба хонандагон пешниҳод мешавад, ки яке аз далелҳоро бо истифодаи ҳатмии хелҳои гуногуни ҷумлаҳои мураккаб ба матни 8–10 ҷумладор табдил диҳанд.

3. **Меъёрҳои тавсияшавандаи баҳодиҳӣ:**
   A. Равшанӣ ва мантиқии далелҳо – пайдарпайии мантиқӣ, сохтормандӣ, ҳузури унсурҳои МШДХ (Матлаб, Шарҳ, Далел, Хулоса).
   B. Дурустии сохтори синтаксисӣ – дақиқии истифодаи ҶМП ва ҶМТ, мутобиқати маъноии пайвандакҳо.
   C. Ҳусни баён – таъсирнокии мисолҳо, далелҳо, сифати шарҳ.
   D. Риояи меъёрҳои забонӣ – саводнокӣ, пайвастагии фикрҳо, мувофиқати услубӣ (дар шакли хаттӣ).

Ин меъёрҳоро метавон ҳамчун **воситаи худбаҳодиҳӣ** ё робитаи мутақобила пас аз муаррифиҳо ё ҳангоми санҷиши корҳои хаттӣ истифода бурд.

## 6. ВАЗЪИЯТИ ТАЪЛИМИИ «ВОБАСТАГИҲО»

Хусусияти асосии ин усул – эҷоди робитаҳои сababӣ байни сифатҳо ва нишондодҳое, ки аз рӯйи мантиқ мустақиман ба ҳам алоқаманд нестанд (масалан: баландтар – донотар, дурахшонтар – дарозтар, сардтар — мураккабтар).

Маҳз чунин **ҷуфтсозии ғайримуқаррарӣ шиддати зеҳнӣ ва эҷодӣ** ба вуҷуд меорад, ки ба пайдоиши робитаҳои аслӣ ва ғайриинтизор мусоидат мекунад.

**Раванди кор:**

**1. Омодасозии хусусиятҳо**

Омӯзгор кортҳо ё ҷадвал омода мекунад, ки дар онҳо сифатҳо ва зарфҳо ба таври пароканда оварда шудаанд.

| | | | |
|---|---|---|---|
| хандаовар | донотар | баландтар | оҳистатар |
| равшантар | душвортар | бадтар | наздиктар |
| оромтар | болотар | бемаъно | дарозтар |

**2. Таркиби ҷуфтҳо ва фикр кардани вазъиятҳо**

- Хонандагон ба таври тасодуфӣ (ё бо интихобан) ду сифат ё зарфро ба як ҷуфт меоранд.
- Онҳо ҷумла (вазъият/вобастагӣ) месозанд бо истифодаи қолаби зерин:

  Чӣ қадар + [сифати 1] … , ҳамон қадар + [сифати 2] …

**Намунаҳо:**

- Чӣ қадар фикр дурахшонтар бошад, муҳокима ҳамон қадар дарозтар мешавад.
- Чӣ қадар шӯхӣ хандаовар бошад, дарс ҳамон қадар дертар ба поён мерасад.
- Чӣ қадаре ки баҳс баланд бошад, таваққуф бояд ҳамон қадар оқилонатар мешавад.
- Чӣ қадар рӯҳия бадтар бошад, ҳамон қадар мусиқӣ оромтар садо медиҳад.
- Чӣ қадар интизориҳо баландтар бошанд, ҳамон қадар натиҷа бемаънотар мешавад.
- Чӣ қадар занг наздиктар шавад, ақрабаки соат ҳамон қадар тезтар медавад.
- Чӣ қадар савол мураккабтар бошад, дар синф ҳамон қадар оромӣ ҳукмфармо мешавад.

**3. Муаррифӣ ва таҳлили синтаксисӣ**

- Хонандагон **ҷумлаҳои худро бо овози баланд мехонанд**, муҳокима мекунанд, ки вобастагӣ **то чӣ андоза ғайриинтизор ва мантиқӣ** ба назар мерасад.

– Баъдан **таҳлили сохтори синтаксисӣ** гузаронида мешавад: қисмҳои ҷумлаи мураккаби тобеъ ҷудо карда мешаванд, хели ҷумлаи тобеъ муайян карда мешавад (шарт, дараҷа, сабаб ва ғ.), пайвандакҳои истифодашуда таҳлил карда мешаванд.

Ин равиш ба мо кумак мекунад, муайян кунем, ки **чӣ гуна синтаксис барои ифодаи маъно** кор мекунад, на аз мундариҷа ҷудо.

Барои дидани он, ки ин вазъияти таълимӣ аз дохил чӣ гуна тартиб дода шудааст ва кадом ҷузъҳо дар бар мегиранд, биёед онро дар шакли сохторӣ пешниҳод намоем:

**Ҷадвал 6. Сохтори вазъияти таълимии «Вобастагиҳо»**

| Унсур | Чӣ гуна дар вазъияти таълимӣ амалӣ мегардад |
|---|---|
| ***1. Мазмун*** | Омӯзиши ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо ҷумлаҳои иловагӣ: сабаб, шарт, дараҷа, замон ва ғ. |
| ***2. Мушкилот*** | Чӣ гуна байни хусусиятҳои камалоқаманд робитаи сабабӣ барқарор кардан ва онро дар шакли ҶМТ тартиб додан |
| ***3. Амал*** | Хонандагон сифатҳо ва зарфҳои номувофиқро ҷуфт мекунанд, ақидаҳоро дар шакли ҶМТ месозанд ва ба синф пешниҳод мекунанд |
| ***4. Интихоб*** | Хонандагон хусусиятҳоро мустақилона интихоб мекунанд, ҷумлаҳоро месозанд, навъи алоқа ва хелҳои ҷумлаи тобеъро муайян мекунанд |
| ***5. Натиҷа*** | Маҷмуи иқтибосҳо дар шакли ҶМТ бо робитаҳои сабабӣ ва таҳлили синтаксисии онҳо |

**Шарҳи методӣ**

1. **Ин машқ ду навъи калидии тафаккурро ҳамзамон рушд медиҳад:**

- **Тафаккури эҷодӣ** – тасаввуротро фаъол мекунад, зеро хусусиятҳои ба назар номувофиқро пайваст намудан лозим аст, вобастагиҳои ғайриинтизор эҷод кард.
- **Тафаккури мантиқӣ** – барои сохтани робитаҳои сабабӣ ва ифодаи онҳо дар шакли ҷумлаҳои мураккаби тобеъ, зарур аст, ки раванди фикр дуруст ва равшан тарҳрезӣ шавад.

Якҷояшавии ин ду раванд шиддати зеҳнӣ ба вуҷуд меорад ва ҳамзамон кори таълимиро шавқовар ва ҷолиб месозад.

2. Ҳар як ҷумла на танҳо як сохтори грамматикӣ**,** балки **шакли ифодаи маъно ва робита байни идеяҳо** мегардад.
3. **Таҳлили синтаксисии ҷумлаҳои худ** кумак мекунад, ки синтаксис на як маҷмуи қоидаҳо, балки ҳамчун **воситаи тафаккур** дарк карда шавад.

**3. Хулоса: Чӣ гуна эҷод грамматикаро ба маҳорат табдил медиҳад?**

Дар ин мавзуъ мо шаш вазъияти таълимиро баррасӣ кардем, ки ба омӯзиши мавзуи «Ҷумлаҳои мураккаб» равона шудаанд. Ҳамаи усулҳо тасодуфӣ интихоб нашудаанд – **мо ба равиши эҷодӣ ва ғайрианъанавӣ** таваҷҷуҳ кардем, ки ба фаъолсозии тафаккур, ошкорсозии иқтидори шахсии хонанда, **зинда, тасвирӣ ва маънидор** гардондани кор бо синтаксис мусоидат мекунад.

Ин гуна равишҳо на танҳо саводи грамматикӣ, балки салоҳиятҳои муҳим, аз ҷумла, муошират, тафаккури эҷодӣ ва мантиқиро низ рушд медиҳанд ва муҳите эҷод мекунанд, ки дар он хонанда метавонад санҷад, хато кунад, андеша ронад ва амалҳои худро дарк намояд. Мо кӯшиш кардем нишон диҳем, ки грамматика ин танҳо маҷмӯи қоидаҳо нест, балки **воситаи ифодаи фикр аст**.

Барои осон кардани кори омӯзгор ва кумак дар тарҳрезии дарс ҳамаи усулҳои баррасишуда дар ҷадвали зер ҷамъбаст шудаанд.

**Ҷадвал 7. Усулҳо оид ба мавзуи «Ҷумлаҳои мураккаб»**

| Усул | Тавсифи кӯтоҳ | Барои чӣ истифода мешавад? |
|---|---|---|
| **Биноми хаёл** | Якҷоя кардани ду калимаи тасодуфии дурмаъно бо пешояндҳо, баъдан сохтани ҷумлаҳо ва қисса | Таҳкими ҶМП, рушди тафаккури тасвирӣ, кор бо робитаҳои маъноӣ ва пешояндҳо |
| **Ба ҳам пайваст кардани оғоз ва анҷом** | Сохтани матни пайдарпай байни ибтидо ва анҷоми тасодуфӣ | Таҳкими ҶМП ва ҶМТ, рушди нутқи пайваста, хаёл ва тафаккур |
| **Секунҷаи сеҳрнок** | Бофтани сюжети қисса бо қаҳрамон, зиддиқаҳрамон ва ашёи сеҳрнок | Истифодаи ҶМП ва ҶМТ дар матни эҷодӣ, рушди тафаккури ривоятӣ ва ифодаи забонӣ |
| **Дастурамал** | Тартиб додани дастури қадам ба қадам бо қолаб: «аввал…», «баъд…», «пас аз он…», «дар охир…» | Азхудкунии ҶМП ва ҶМТ (замон, сабаб, шарт), рушди тафаккури мантиқӣ ва сохторӣ |
| **Мунозираи асоснок** | Тартиб додани далелҳо бо нақшаи МШДХ | Кор бо ҶМП ва ҶМТ барои исботу далел, рушди мантиқ ва маҳорати ифодаи баён, ифодаи мавқеъ |
| **Вобастагиҳо** | Муносибатҳои сабабу натиҷа байни хусусиятҳои ғайриалоқаманд | Азхудкунии ҶМТ (сабаб, шарт, дараҷа), рушди тафаккури мантиқӣ ва эҷодӣ |

Ҳамаи ҳолатҳои таълимии пешниҳодшуда ба мақсадҳои дарс ва сатҳи хонандагон ба осонӣ мутобиқ мешаванд. Онҳо нишон медиҳанд, ки чӣ гуна **тавассути хаёл, эҷоди мустақил** метавонад конструксияҳои мураккаби наҳвиро самаранок ва шавқовар азхуд кард.

Омӯзгор имконият пайдо мекунад, ки ба дарс шавқ, бозӣ ва эҷодро баргардонад ва ҳамзамон ба ҳадафҳои барномаи таълимӣ ва стандартҳои таълимӣ ҷавобгӯ бошад.

Муҳим аст: мо салоҳиятҳои фаннӣ ва калидиро ҷудо намекунем, балки нишон медиҳем, ки онҳо якдигарро пурра мекунанд. Кор бо маводи забонӣ (пайвандакҳо, сохтори ҷумлаҳои мураккаб) ба заминае табдил меёбад, ки барои рушди тафаккур, нутқ ва ҳамкорӣ мусоидат мекунад. Ин раванд дар ҷадвали зер равшан инъикос ёфтааст.

**Ҷадвали 8. Таҳлили муқоисавии салоҳиятҳо: фаннӣ ва калидӣ**

| Салоҳиятҳо | Хонанда чиро меомӯзад? | Кадом салоҳиятҳо рушд меёбанд? |
|---|---|---|
| **Фаннӣ** | – Муайян кардани ҷумлаҳои мураккаби пайваст ва тобеъ<br>– Фарқ кардани хелҳои пайвандакҳо пайвандакҳо<br>– Дуруст гузоштани аломатҳои китобат | – Тафаккури мантиқӣ<br>– Донистани меъёрҳои имло ва аломатҳои китобат<br>– Таҳлили забонӣ ва саводи наҳвӣ |
| **Калидӣ** | – Ҷумласозӣ: ҶМП ва ҶМТ бо услуби эҷодӣ<br>– Таҳлили сохтори мазмун ва мантиқи сохтори ҷумлаҳои мураккаб<br>– Муаррифӣ кардани натиҷаҳо ва иштирок дар муҳокима | – Тафаккури эҷодӣ<br>– Тафаккури интиқодӣ<br>– Муошират<br>– Кор дар гурӯҳ, худбаҳодиҳӣ, рефлексия |

Ҳамин тавр, азхудкунии мавзуи «Ҷумлаҳои мураккаб» аз доираи танҳо фанни грамматика берун меравад. Дар маркази раванди таълим худи хонанда қарор мегирад — шахсе, ки меандешад, таҳқиқ мекунад ва эҷод менамояд. Маҳз дар ҳамин замина на танҳо дониш, балки маънохои шахсӣ ташаккул меёбанд ва синтаксис ба василаи фаҳмиши ҷаҳон ва тафаккур табдил меёбад.

Ин модели дарс ба хонанда шавқи кашф ва амалкарди мустақилонаро бармегардонад. Ва маҳз ҳамин чиз таълимро воқеан пурмуҳтаво ва самаранок мегардонад.

## Ҷамъбаст: хулосаҳои асосӣ

1. **Вазъиятҳои таълимӣ ба хонандагон имкон медиҳанд, ки сохторҳои мураккаби синтаксисиро мазмунан, эҷодӣ ва ҷолиб аз худ кунанд.** Ҷумлаҳои мураккаб дигар маводи назариявии хушку холӣ намемонанд – онҳо ба ҷузъи амалияи нутқи зинда мубаддал мегарданд.

2. **Ҳар як усул на танҳо донишҳои грамматикиро фаъол мегардонад, балки салоҳиятҳои асосӣ** – тафаккури эҷодӣ ва мантиқӣ, малакаҳои муоширатро инкишоф медиҳад.

3. **Супоришҳои эҷодӣ бо таъмин намудани аҳамияти хоса ба омӯзиш, хонандагонро ҷалб ва ҳавасманд мегардонад.** Кор бо матн ба ҳавасмандии дохилӣ мубаддал мегардад.

4. **Вазъиятҳои таълимӣ ҳолати ҷандирро фароҳам меоранд** – ҳар як усулро вобаста ба синну сол, сатҳ ва мақсадҳои дарс мутобиқ карда метавонем.

5. **Омӯзгорон воситаҳои методиро мегиранд, ки рағбат ва эҷодкориро нисбат ба дарсҳо дубора пур менамояд.** Дар натиҷа, кор бо синтаксис на танҳо самаранок, балки воқеан ҳам замонавӣ мегардад: забон, тафаккур ва муоширатро муттаҳид мекунад.

## Саволҳо барои робитаи мутақобила

1. Фаҳмиши шумо дар бораи **нақши эҷодкорӣ** дар грамматика чӣ гуна тағйир ёфт? Онро бо се калима баён кунед.

2. Кадом вазъияти омӯзишӣ боиси **тааҷҷуб, илҳом** ва ё баръакс, **муқовимати дохилиро** ба вуҷуд овард? Чаро?

3. Дар раванди кор чӣ саволҳо **ба вуҷуд омаданд**? Чӣ **норавшан** монд?

4. Кадом салоҳиятҳои калидӣ (масалан, эҷодкорӣ, асосноккунӣ, муошират) шумо мехоҳед дар **таҷрибаи худ мустаҳкам намоед** ва кадом усулҳо ба шумо дар **ин кор кумак мекунанд?**

5. Кадом усулро шумо фардо **метавонед истифода намоед**? Аз куҷо оғоз мекунед ва чаро?

6. Чӣ тавр шумо **яке аз ин усулҳоро** ба дарсҳо ё мавзуъҳои худ **мутобиқ мекардед**? Чиро иваз мекардед?

7. Шумо ба муаллифи ин вазъиятҳои таълимӣ чӣ **саволҳоро доред?**

## ХУДБАҲОДИҲӢ: ЧӢ ДАР ХОТИРАМ МОНД, ЧИРО ФАҲМИДАМ?

**Варақаи худбаҳодиҳии 3.2.**

***Супориши 1. Салоҳиятҳоро бо шарҳашон мувофиқ гузоред.***

| Салоҳиятҳо | Шарҳи салоҳиятҳо |
|---|---|
| 1. Тафаккури интиқодӣ<br>2. Тафаккури эҷодӣ<br>3. Муошират<br>4. Ҳамкорӣ | A. Қобилияти тавлиди ғояҳо ва муносибатҳои нав<br>B. Маҳорати самараноки кори гурӯҳӣ<br>C. Таҳлил ва арзёбии иттилоот, муайян кардани ғалатҳо<br>D. Қобилияти возеҳ баён кардан ва исботи ғояҳо |
| Ҷавобҳоро нависед | 1 — , 2 — , 3 — , 4 — |

***Супориши 2. Вазъиятҳои таълимиро бо салоҳиятҳои калидӣ мувофиқ гузоред.***

| Вазъиятҳои таълимӣ | Салоҳиятҳои калидӣ |
|---|---|
| 1. Эҷоди матне, ки ду анҷом дорад<br>2. Таҳрири матни ғалатдор<br>3. Баррасии мавзуъ дар шакли мубоҳиса | A. Салоҳиятҳои муоширатӣ (иртиботӣ)<br>B. Тафаккури эҷодӣ<br>C. Тафаккури интиқодӣ |
| Ҷавобҳоро нависед | 1 — , 2 — , 3 — |

***Супориши 3. Салоҳиятҳои калидиро бо хусусиятҳояшон мувофиқ гузоред.***

| Салоҳиятҳо | Хусусиятҳо |
|---|---|
| 1. Фаннӣ<br>2. Калидӣ | A. Малакаҳои таҳлил, эҷод ва дар гурӯҳ фаъолият карда тавонистанро ташаккул медиҳанд.<br>B. Риояи қоидаҳои имло ва аломатҳои китобатро инкишоф медиҳанд. |
| Ҷавобҳоро нависед | 1 — , 2 — |

# МАШҒУЛИЯТИ 2

**НАТИҶАИ ОМӮЗИШ:**

**3.** Вазифаҳои эҷодиеро, ки хонишу хатти бошуурона ва саводнокии грамматикиро инкишоф медиҳанд, иҷро кардан.



**КОРИ АМАЛӢ: ГРАММАТИКАИ ҶОЛИБ**

**Вазъияти таълимии 1. «Эҳсосоти омехта»**

***Мақсад:*** **аз рӯйи тасаввурот тартиб додани ҷумлаҳои мураккаби пайваст.**

**Тартиб:**

1. Дунафариҳо яке аз вазифаҳоро интихоб кунед (хомӯшӣ ё меҳр).
2. Се саволи дилхоҳро интихоб кунед ва бо истифодаи пайвандакҳои гуногун ба онҳо бо ҶМП ҷавоб диҳед (Мисол, ба ҷавоби саволи 5 нигаред).

| **Хомӯшӣ дар кӯҳсор чӣ гуна садо медиҳад?** | **Ҳарорати меҳри модар чӣ гуна аст?** |
|---|---|
|  |  |
| 1. Агар шумо оҳанги кӯҳистонро **шунидан** хоҳед, он чӣ гуна бояд садо диҳад? | 1. Агар меҳри модар суруд мебуд, кадом **садо** ва калимаҳоро дар бар мегирифт? |
| 2. Агар шумо онро метавонистед **бичашед**, хомӯшӣ чӣ таъм дошта метавонист? | 2. Агар меҳри модар **ранг** медошт, он кадом ранг мебуд? |
| 3. Агар шумо хомӯширо тасвир менамудед, **чӣ ранг** медошт? | 3. **Бӯйи** меҳри модар чӣ гуна аст? |
| 4. Агар хомӯшӣ **бӯй** медошт, он чӣ гуна мебуд? | 4. **Ҳарорати** меҳри модар чӣ гуна аст – гарм, хунук ё тағйирёбанда? |
| 5. Агар шумо **расиши хомӯширо** тасаввур кунед, хомӯширо дар бадани худ чӣ гуна эҳсос мекардед? | 5. Агар меҳри модар дар табиат **садо** медошт, он чӣ гуна мебуд? |
| 6. Хомӯшӣ дар кӯҳҳо **чӣ тавр ҳаракат** мекунад, мисли шамол, дарё ё абр? | 6. Вақте дар бораи **шакли меҳри модарӣ** фикр мекунед, кадом тасвир ба ёд меояд? |
| 7. Агар хомӯшӣ **осоре боқӣ монад**, он чӣ хоҳад буд: равшан, нарм ё пажмурда? | 7. Муҳаббати модар дар **фазо** чӣ гуна эҳсос мешавад: мисли оғӯш, гармӣ ё насими нарм? |

**Тавсияҳо**

Шумо метавонед бо осонӣ ба саволҳои ғайримуқаррарӣ ҷавобҳо пайдо кунед. Агар шумо бо мушкилот рӯ ба рӯ шавед, дар ин ҷо баъзе тавсияҳо барои кумак ба шумо оварда мешаванд.

1. **Бо калимаҳои алоҳида оғоз кунед.** Тасаввур ва образҳоеро, ки ба хотир меоянд, нависед.
2. **Ба ибораҳои сода гузаред.** Онҳо барои эҷоди тасвири дақиқтар кумак мекунанд.
3. **Бо ибораҳо ҷумлаҳои содае созед,** ки андешаҳои шуморо ифода мекунанд.
4. **Ҷумлаҳои мураккаби пайваст эҷод кунед** ва бо истифодаи пайвандакҳо ҷумлаҳои содаи онро бо ҳам пайваст кунед.

Ин равиши зина ба зина ба шумо дар сохтори ҷавобҳо ва пур кардани онҳо кумак мекунад.

**Мисол**

Саволи 5. *Хомӯшӣ дар бадан чӣ гуна эҳсос мешавад, агар расиши онро тасаввур кунем?*

| Калима | Ибора | Ҷумлаҳои сода |
|---|---|---|
| хомӯшӣ, нарм, серун, абр, ҳаво, расиш | хомӯшии нарм, расиши абр, ҳавои серун | Хомӯшӣ нарм ҳис мешавад.<br>Расиш ба абр монанд аст.<br>Хомӯшӣ ҳамчун ҳавои серуни кӯҳистон. |
| *Ҷумлаи мураккаби пайваст* | Хомӯшии нарм, мисли расиши абр, **вале** мисли ҳавои кӯҳистон серун эҳсос мешавад. | |

Ин ҷавобҳо образҳоро ба воситаи пайвандакҳои пайвасткунанда алоқаманд намуда, тасвирро таъсирбахш мегардонанд.

**Каме аз назария**

Бе пайвандакҳо сохтани ҷумлаи ғанӣ ва амиқ мушкил аст, зеро онҳо қисмҳои ҷумларо ба ҳам мепайванданд ва онро пурмазмун мегардонанд. Дар зер хелҳои пайвандакҳои пайвасткунанда оварда шудаанд, ки ба шумо барои равшантар ва амиқан ифода кардани муносибати байни фикрҳо кумак мекунанд.

| Пайиҳам | Хилофӣ | Ҷудоӣ |
|---|---|---|
| Ва<br>-у (-ю, -ву)<br>чи … чи<br>ҳам .... ҳам<br>инчунин | аммо<br>вале<br>лекин<br>балки | ё,<br>ё ки,<br>ё ин ки |

**ВАЗЪИЯТИ ТАЪЛИМИИ 2. «Кӯдакон ва бозиҳои компютерӣ»**

***Мақсад: дар асоси сохтори МШДХ таҳия кардани далелҳо.***

**Қадамҳои иҷро:**

1. Ба ҷуфтҳо тақсим карда, матнро хонед.
2. Вазифаҳои сохтории пешбинишударо иҷро кунед.

***Кӯдакон ва бозиҳои компютерӣ***

*Бозиҳои компютерӣ қисми ҷудонашавандаи ҳаёти кӯдакон шудаанд. Баъзе волидон чунин меҳисобанд, ки ин бозиҳо ба инкишофи мантиқ, реаксия ва тафаккури эҷодӣ мусоидат мекунанд. Дигарон онҳоро ҳамчун сабаби пастшавии натиҷаҳои таълим ва мушкилоти рафтори онҳо медонанд.*

*Бояд қайд кард, ки зимни бозӣ онҳо аксар вақт иртиботро бо оила ва дӯстон маҳдуд мекунад. Бо вуҷуди ин, бозиҳои компютерии таълимие низ мавҷуданд, ки метавонанд барои рушди тафаккур ва малакаҳои таълимӣ муфид бошанд. Назорати калонсолон ва интихоби бозиҳои мувофиқ муҳим боқӣ мемонад. Аз ин рӯ, масъалаи фоида ва зарари бозиҳои компютерӣ барои баҳс боз боқӣ мемонад.*

**Фаҳмиши мазмуни матн**

1. Фикри асосии матнро бо як ҷумлаи мураккаби пайваст (ҶМП) ё ҷумлаи мураккаби тобеъ (ҶМТ) нависед.

**Мулоҳизаронӣ ва арзёбӣ**

1. Далелҳои («тарафдор» ва «муқобил»-и бозиҳои компютериро пешниҳод намоед.
2. Бо истифодаи сохтори МШДХ ду далел («тарафдор» ва «муқобил») тартиб диҳед. Далелҳоро бо ҷумлаҳои ҶМП ё ҶМТ нависед.

**Истифодаи донишҳо**

1. Таъсири бозиҳои компютериро ба волидонатон чӣ гуна мефаҳмондед? Ду ҷумла нависед: яке аз рӯйи сохтори ҶМП ва дигаре аз рӯйи сохтори ҶМТ.

## Рефлексия

**1.** Кадом хусусиятҳои муҳити таълим дар супоришҳо инъикос ёфтанд:

- ☐ Имкони интихоб
- ☐ Кори дунафарӣ/ дар гурӯҳҳои хурд
- ☐ Саволҳои навъи кушода
- ☐ Баррасии андешаҳо
- ☐ Кор дар асоси таҷрибаи худ

**2. Ҳангоми иҷрои чунин супоришҳо ҳамчун хонанда чиро ҳис кардед?**

– То кадом андоза шавқовар, мураккаб ва ғайричашмдошт буд?
– Дар чунин вазъият дар хонандагони шумо кадом эҳсосот пайдо мешавад?

**3. Яке аз ҷумлаҳоро интихоб намуда, онро ба охир расонед:**

- Пас аз ин машғулият ман фаҳмидам, ки …
- Ман акнун ба .... ба таври дигар менигарам.
- Дар наздиктарин фурсат ман дар дарсҳоям ..... таҷриба мекунам.

# МАВЗУИ 3

## Кейс-стадӣ ҳамчун шакли рушди тафаккур ва салоҳиятҳо

**Доираи баррасии мавзуъ**

**Чиро бояд донем?**

- Кадом ҷанбаҳои умумӣ ва фарққунанда миёни кейс ва вазъияти таълим вуҷуд доранд?
- Сохтори кейс чӣ гуна аст: замина, мушкилот, маълумотҳо, саволҳо, роҳҳои ҳал.
- Чӣ гуна кейсҳо ба рушди салоҳиятҳои калидӣ мусоидат мекунанд.
- Чӣ тавр кейсҳоро дар дарсҳои забон ва адабиёти тоҷик истифода кардан мумкин аст.

**Чиро бояд тавонем?**

- Шинохтани фарқ миёни кейс ва дигар шаклҳои супориш.
- Таҳлили сохтори кейс ва муайян кардани ҷиҳатҳои қавӣ ва заифи он.
- Сохтани як кейси сода дар асоси мавзуи таълимӣ.
- Ҷалб кардани маълумот, ҳуҷҷатҳо ва андешаҳои воқеӣ ба сохтори кейс.
- Идора кардани муҳокима ва фикру мулоҳизаҳо ҳангоми кор бо кейс.

**Саволҳои калидӣ барои муҳокима:**

- Кадом хусусият кейсро ба як шакли хоси таълимӣ табдил медиҳад?
- Сохтори «кейси корбурдӣ» бояд чӣ гуна бошад?
- Чӣ гуна кейс метавонад муҳити таълимро «фаъол» кунад?
- Чӣ гуна кейс-стадӣ ба вазъияти таълим табдил ёбад?
- Кадом мавзуъҳои барномаи таълимӣ барои сохтани кейс бештар мувофиқанд?
- Чӣ гуна аз кейс барои оғози фаъолияти лоиҳавӣ истифода бурдан мумкин аст?

**НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ**

Пас аз анҷоми омӯзиши мавзуъ шумо метавонед:

1. Дарк кардани он, ки кейс аз дигар намуди супоришҳо чӣ фарқ дорад.
2. Шинохти сохтори кейс: мазмун, мушкилот, маълумот, саволҳо, интихобҳои эҳтимолӣ.
3. Таҳлили порчаи кейс ё супориш: муайян кардани унсурҳои муассир ва ҷузъҳои нокифоя.
4. Мутобиқсозии кейс ба сатҳи омодагии хонандагон

## Муқаддима

Дар дарсҳои забон ва адабиёти тоҷик мо мавзуъҳои муҳимми марбут ба рушду тағйироти забон, анъанаҳо ва пайванди фарҳангро меомӯзем. Вале чӣ гуна метавон ин мавзуъҳоро ба масъалаи воқеан маърифатӣ табдил дод, то хонанда танҳо аз бар накунад, балки таҳлил, муқоиса ва хулосабарорӣ кунад? Яке аз ин роҳҳо — усули кейс-стадӣ (case study) аст.

Кейс-стадӣ — ин модели омӯзишест, ки хонанда бо як вазъияти мушаххас ва серқабат рӯ ба рӯ мешавад: мушкилот, маълумот ва манфиатҳои иштирокчиён мавҷуданд. Аз хонанда интизор намеравад, ки танҳо омӯзад ва такрор кунад, балки бояд дарк кунад, арзёбӣ намояд, қарор қабул кунад ва шарҳ диҳад.

Ин усул тафаккури таҳлилӣ, робитаи дониш бо зиндагӣ ва фаъолияти лоиҳавиро тақвият медиҳад. Кейс метавонад як супориши мустақил, қисми дарс ё оғози лоиҳае бошад. Дар ин машғулият мо:

- мефаҳмем, ки кейс аз дигар супоришҳо бо чӣ фарқ мекунад;
- бо сохтор ва марҳилаҳои кор бо кейс шинос мешавем;
- як мисоли мушаххасро таҳлил мекунем;
- мебинем, ки кейсро чӣ гуна ба сатҳи синф мутобиқ кардан мумкин аст;
- кӯшиш мекунем, ки худамон як кейс тарроҳӣ намоем.

Ҳадафи асосӣ: дидани он, ки чӣ гуна кейс метавонад ба қисми муҳити таълимӣ табдил ёбад ва омӯзгор метавонад онро ҳамчун асбоби ташаккули салоҳиятҳо ва тафаккур истифода барад.

## Шарҳи мафҳумҳои асосӣ

**Кейс-стадӣ** — усули таълимиест, ки бар таҳлили вазъияти мушаххас бо масъалаи воқеӣ ё моделсозишуда асос ёфтааст.

**Контекст** — шароит, замина, макон ва шахсоне, ки вазъиятро воқеӣ ва дорои маънӣ мегардонанд.

**Мушкилот** — душворӣ ё зиддияте, ки роҳи тайёри ҳал надорад ва андешаронӣ талаб мекунад.

**Имконоти ҳал** — чанд муносибати эҳтимолӣ барои баррасӣ, ки ҳар кадом афзалият ва маҳдудиятҳои худро дорад.

**Таҳлили паёмадҳо** — асосноккунӣ ва арзёбии натиҷаҳои эҳтимолии ҳар роҳи интихобшуда.

**Нақши хонанда** — ё ҳамчун иштирокчии бевоситаи вазъият амал мекунад, ё ҳамчун таҳлилгари беруна — вобаста ба шакли кейс.

# МАШҒУЛИЯТИ 1

## НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ:

**1.** Дарк кардани он, ки кейс аз дигар намуди супоришҳо чӣ фарқ дорад.

**2.** Шинохти сохтори кейс: мазмун, мушкилот, маълумот, саволҳо, интихобҳои эҳтимолӣ.



## АЗ МИСОЛҲОИ СОДА ОҒОЗ МЕКУНЕМ
**Чиро медонед ва мефаҳмед?**

**1. Бо калимаи «кейс» чиро марбут медонед?** Номбар кунед се калимаи аввалине, ки ба хотиратон меояд.

**Шакли кор:**
- Инфиродӣ – 1 дақиқа
- Дунафарӣ: муҳокима кунед, ки монандиҳо ва фарқиятҳои андешаҳоятон кадоманд – 2 дақиқа

**2. Хонед ва муайян кунед: «Бовар дорам» ё «✖ Бовар надорам»**

| № | Изҳорот | ✔ / ✖ |
|---|---|---|
| **1.** | Кейс-стадӣ як қиссаи кӯтоҳест бо як ҷавоби дуруст. | |
| **2.** | Дар кейс ҳамеша ноаёнӣ ва чанд роҳи ҳал вуҷуд дорад. | |
| **3.** | Кейс бояд ҳатман ба вазъияти воқеӣ асос ёбад. | |
| **4.** | Дар кейс барои фикри шахсии хонанда ҷой нест — танҳо таҳлили далелҳо муҳим аст. | |
| **5.** | Вазъияти таълим як зернамуди кейс-стадӣ мебошад. | |
| **6.** | Як кейсро метавон дар марҳилаҳои гуногуни дарс истифода бурд. | |
| **7.** | Кейсро метавон худамон эҷод кунем, на танҳо аз китоб ё маҷмӯа истифода барем. | |



## ЧИРО БОЯД ДОНЕД?

**Варақаи иттилоотии 3.3.-ро бо диққат хонед, сипас сатҳи фаҳмиши худро тавассути варақаи санҷишии 3.2. санҷед.**

**Варақаи иттилоотии 3.3**

### 1. Кейс-стадӣ — ҳамчун шакли вазъияти таълим

Ҳангоми омӯзиши забон ва адабиёти тоҷик сухан танҳо дар бораи *чи* таҳлил кардан нест, балки *чи гуна* таҳлил кардан низ муҳим аст. Масалан, хонанда метавонад танҳо дар ёд гирад, ки дар достони «Рустам ва Сухроб» хатоии фоҷиавӣ рух медиҳад. Вале вай метавонад саволи амиқтар диҳад: **чаро қаҳрамонон якдигарро нашинохтанд?**

Дар грамматика низ — хонанда метавонад қоидаҳои калимасозиро аз бар кунад, вале метавонад таҳлил кунад, ки чӣ гуна ин шаклҳо дар адабиёти тоҷик рушд ёфтаанд. Маҳз дар чунин ҳолатҳо метавон аз **кейси таълимӣ** истифода бурд.

**Кейс-стадӣ** ин таҳлили як вазъияти мушаххаси воқеист, ки одатан роҳи ҳаллу фасли равшан надорад. Он дорои мазмун, далелҳо, ҳуҷҷатҳо ва нигоҳи иштирокчиён аст. Вазифаи хонанда — фаҳмидани проблема, пешниҳод кардани роҳҳои ҳал, асоснок кардани ҳар роҳ ва муқоисаи онҳо мебошад. Ин дигар супориши китобӣ нест — ин **мушоҳида ва ворид шудан ба воқеият** аст, ки ҳам дониш талаб мекунад, ҳам фикрронӣ ва ҳам фаъолият.

Кейс яке аз шаклҳои вазъияти таълимист, вале хусусиятҳои хоси худро дорад: он ба **маълумоти воқеӣ такя мекунад**, **ноаёнӣ дорад** ва **якчанд нуқтаи назар** пешниҳод мекунад. Дар ин машғулият мо баррасӣ мекунем, ки вазъияти таълимӣ аз кейс чӣ фарқ дорад, дар кадом маврид истифодаи кейсҳо мувофиқ аст ва чӣ гуна онҳо ба рушди салоҳиятҳои калидӣ мусоидат мекунанд.

### 2. Вазъияти таълим ва кейс-стадӣ: умумият ва фарқиятҳо

Дар назари аввал ҳарду яксон менамоянд. Дар ҳар ду ҳолат хонанда бо мушкилӣ рӯ ба рӯ мешавад: ӯ алгоритми тайёр надорад, балки танҳо контекст ва зарурати қабули қарор вуҷуд дорад. Ҳар ду шакл на дар асоси такрори дониш, балки бар асоси амал — таҳлил, интихоб ва асосноксозӣ сохта шудаанд. Аз ин рӯ, дар амал онҳо метавонанд ҳам ба таври ивазшаванда истифода шаванд ва ҳам якдигарро пурра кунанд.

Аммо фарқҳо низ вуҷуд доранд. Вазъияти таълимӣ аксаран аз ҷониби омӯзгор таҳия мешавад, метавонад шартӣ бошад, бар асоси масъалаи эҳтимолӣ ё моделсозӣ. Таваҷҷуҳи асосии он ба рушди салоҳиятҳо мебошад. Аммо кейс-стадӣ қариб ҳамеша ба воқеа ё далели мушаххас такя мекунад ва вазифаи асосӣ таҳлили вазъияти мушаххас бо дарназардошти нуқтаи назарҳои гуногун, маълумот ва натиҷаҳо мебошад.

Кейс омодагии мураккабтарро талаб мекунад: он на танҳо супориш, балки маводи иттилоотӣ (санадҳо, порчаҳои мусоҳиба, омор ва ғ.)-ро дар бар мегирад. Ҳамзамон, он имкониятҳои васеътарро барои кор бо тафаккури интиқодӣ, таҳлили низомӣ ва робитаҳои байнифаннӣ фароҳам меорад. Вазъияти таълимӣ метавонад кӯтоҳтар бошад ва ба як дарс осонтар ворид гардад, дар ҳоле ки кейс бештар асос барои лоиҳа ё силсилаи машғулиятҳо мешавад.

Муҳим фаҳмидани он аст, ки кейсҳо як навъи махсуси вазъиятҳои таълимӣ мебошанд, вале бо зичии бештари иттилоот ва наздикӣ ба ҳаёти воқеӣ. Баъзан вазъияти таълимиро метавон ба кейс табдил дод, агар санадҳо, муноқишаи манфиатҳо ва нуқтаи назарҳо илова карда шаванд. Ва кейсро метавон содатар кард то ба як вазъияти кӯтоҳ, агар таваҷҷӯҳ ба як қарор ё марҳила равона гардад.

### 3. Сохтори кейс: аз чӣ иборат аст?

Барои он ки кейс воқеан василаи таълимӣ шавад, на як ҳикояи шавқовар, он бояд **бо сохтори возеҳ** таҳия гардад. Ҳар як унсури он барои даргир кардани хонанда бо мушкилот ва барангехтани фикрронӣ хизмат мекунад.

**Унсурҳои асосии кейс:**

1. **Мазмун**

Кейс дар заминаи таърихӣ, иҷтимоӣ ё фарҳангии асар сурат мегирад. Масалан, дар «Рустам ва Сухроб» андешаҳо дар бораи тақдир ва розӣ оилавӣ рафтори қаҳрамонҳоро шакл медиҳанд.

**2. Мушкилот**

Дар кейс ҳамеша **муаммо** ҳаст — мисли ихтилофи манфиатҳо ё масъалаи муҳити зист. Он посухи равшан надорад ва аз чанд ҷиҳат таҳлилро талаб мекунад.

**3. Маълумот / Манбаъҳо**

Кейси адабӣ бояд ба матн, маълумоти таърихӣ, шарҳи ҳол, сабки адабӣ такя кунад. Масалан, дар таҳлили «Шоҳнома» хонанда метавонад иқтибосҳо, услуби забонии давраи Фирдавсиро таҳлил намояд.

4. **Саволҳо ва супоришҳо**

Бе савол, кейс як ҳикоя мемонад. Саволҳои хуб тарҳрезишуда — он чизеанд, ки кейсро ба фаъолияти таълимӣ табдил медиҳанд:

- Чӣ рух дод ва чаро?
- Кадом роҳҳои ҳал вуҷуд доранд?
- Паёмадҳои онҳо чист?
- Ту кадом роҳро интихоб мекардӣ ва чаро?

**5. Роҳҳои эҳтимолии ҳал**

Кейс як ҷавоби ягона надорад. Хонанда вариантҳоро муқоиса мекунад, афзалият ва паёмадҳоро меомӯзад. Гоҳе ҳатто стратегияи худро пешниҳод мекунад.

**6. Таҳлил ва асоснокқунӣ**

Натиҷаи асосӣ на танҳо ҷавоб, балки **мавқеи асоснокшуда** аст. Ин раванд имконият медиҳад, ки хонанда:

- маълумотро таҳлил кунад,
- мавқеашро шарҳ диҳад,
- дар муҳити гурӯҳӣ муҳокима барад ва дар натиҷа **салоҳиятҳои калидиро, яъне** тафаккури интиқодӣ, эҷодкорӣ, муошират, ҳамкорӣ ва маҳорати омӯхтанро **фаъол гардонад**:

**Сохтори кейс-стадӣ**

| Унсур | Мақсад / Шарҳ |
|---|---|
| **Мазмун** | Вазъияти воқеие, ки дар адабиёти тоҷик инъикос ёфтааст ва ба таърих, фарҳанг, низоъҳои иҷтимоӣ ё ҷаҳонбинии қаҳрамонҳо марбут аст. |
| **Мушкилот** | Низоъ, дилемма ё масъалаи кушода, ки ҷавоби ягона надорад. Барои ҳалли он таҳлил ва баҳодиҳӣ талаб мешавад. |
| **Манбаъҳо / Маълумот** | Ҷадвалҳо, иқтибосҳо, тасвирҳои бойгонӣ, нақшаҳои бадеӣ, диаграммаҳои таҳаввули сужет — тамоми маводе, ки барои таҳлил ва тафсири маънии асар истифода мешавад. |
| **Саволҳо ва супоришҳо** | Саволҳо ва дастурҳои махсус, ки диққати хонандаро ба масъала равона мекунанд ва андешаро барангехта месозанд. |
| **Имконоти ҳал** | Алтернативаҳо, ки хонандагон бояд муқоиса ва арзёбӣ кунанд. |
| **Таҳлил ва асоснокқунӣ** | Марҳилаи ниҳоӣ, ки дар он хонанда мавқеи шахсии худро бо далелҳо ифода мекунад ва онро асоснок месозад. |

Акнун мо фаҳмидем, ки кейс-стадӣ аз кадом унсурҳо иборат аст, табиист, ки ба намунаи амалӣ мегузарем. Мисоли кейс-стадӣ дар асоси повести «Марги судхӯр»

**Кейс-стадӣ: «ХАСИСӢ ВА ҲИРС».**

**Сарват ҳамчун қисмати тақдир: роҳи як судхӯр**

Ҳикоя аз нигоҳи як ҷавон, донишҷӯйи мадрасаи Бухорост, ки шахсияти Қорӣ Исмат (Қорӣ Ишкамба) ӯро ба ҳайрат меорад. Исмат шахси доро, вале хасису маккор аст, ки пули худро бо ҳар роҳе нигоҳ медорад. Дар ниҳоят, пас аз шунидани хабари мусодираи сарвати бонкӣ аз ҷониби болшевикон, аз фишори равонӣ меафтад ва мемирад.

**Масъалаи марказӣ:** Оё Қорӣ Исмат танҳо як шахси сарватҷӯ буд, ё натиҷаи низоми иҷтимоии танг ва беадолат? Оё ҷамъоварии сарват — ҳақиқат ё марговар?

**Мазмун:** Вақте ки аморати Бухоро (охири асри XIX – ибтидои XX) ба низоми қарздиҳии судхӯрӣ такя дошт. Сарвати шахсӣ — воситаи таъсир ва дуршавӣ аз мардум.

**Маълумоти иловагӣ:**

- Қонунҳои он замон, нақши амир, таъсири сиёсати мустамликавӣ, фурӯпошии иқтисодӣ, тағйироти соли 1917 ва 1920.
- Фарқ миёни судхӯрӣ ва имконоти дигар.
- Ҳамкории Қорӣ Исмат бо аъёну заминдорон.

**Саволҳо барои мубоҳиса дар синф**

1. Чаро мардум аз судхӯрҳо метарсиданд?
2. Қорӣ Исмат сарвати худро чӣ гуна истифода мебурд?
3. Кадом чораҳо метавонистанд низоъро пешгирӣ кунанд?
4. Оё ҷамъоварии сарват худ ба худ арзиш дорад?
5. Се амали Қорӣ Исматро номбар кунед, ки ӯро ба марги фоҷиавӣ бурданд.

**Ҷадвали таҳлил:**

| Мушкилот | Роҳҳои эҳтимолии ҳал | Арзёбӣ ва таҳлил |
|---|---|---|
| | | |
| | | |
| | | |
| | | |

**Шарҳи методӣ**

1. **Мутобиқсозӣ ба синф:** Дар синфҳои 7–8 беҳтар аст маълумот ва мушкилотро сода карда, ба як нуқта таваҷҷуҳ кунем. Дар синфҳои 9–11 метавон бо таҳлили бештари маълумот ва саволҳои мураккаб кор бурд.
2. **Муҳокимавӣ, на таҳмил:** Омӯзгор набояд посухи дурустро талаб кунад, балки муҳокимаро роҳандозӣ намояд — бо саволгузорӣ ва ташвиқи далелгирӣ.
3. **Омодасозии пешакӣ:** Кейсро метавон ҳамчун супориши хонагӣ пешниҳод намуд, ки хонанда бо мавод шинос шуда, барои муҳокима омода гардад.
4. **Кейс ҳамчун платформаи лоиҳа:** Баъди кор бо кейс, хонандагон метавонанд таблиғот, нақшаи сужет ё моделсозии сабабу натиҷаро таҳия кунанд. Лоиҳаҳо таҳқиқ ва робитаи дониш бо амалро таҳким мебахшанд.
5. **Аз таҳлил ба иштирок:** Агар ба кейс нақшбозӣ, муҳокима ва қабули қарор илова шавад, он ба як **вазъияти таълимии пурра** мубаддал мегардад.

Вазъияти таълим ва кейс-стадӣ: ду шакл – як самти рушд.

Муҳим аст дар хотир дошта бошем, ки **кейс-стадӣ ва вазъияти таълим хонандаро бо роҳҳои гуногун ҷалб мекунанд.** Агар дар **кейси таълимӣ** диққат бештар ба «таҳлили вазъияти беруна равона шавад» чӣ рух медиҳад ва чӣ метавон пешниҳод кард, пас дар **вазъияти таълим** худи хонанда **дар дохили масъала қарор дорад**: «мо дар ин вазъиятем ва бояд қарор қабул кунем».

**Мисоли сода:**

- **Вазъияти таълим:** «Шумо шахсе ҳастед, ки дар ҳолати вазнини қарз қарор доред». Роҳҳои халосиро баррасӣ намоед: гуфтушунид, ёфтани шарик ё манбаи нави даромад.
- **Кейс-стади:** «Қорӣ Исмат сарватманд шуд, аммо танҳо монд. Сабаби танҳоии ӯро таҳлил кунед, имконоти рафтори дигарро пешниҳод кунед ва паёмадҳои ҳар роҳро арзёбӣ намоед».

Ин тафовут метавонад **қасдан ва оқилона истифода шавад**.

Кейс-стади **тафаккури таҳқиқотӣ ва таҳлилӣ**, вазъияти таълим — **иштирок ва тафаккур тавассути амалро** инкишоф медиҳад. Ҳарду шакл фоидаоваранд, махсусан агар бо ҳам пайдарпай истифода шаванд.

**Чӣ умумият доранд?**

- Ҳарду дорои **мазмун** (замина ва муҳити маъноӣ) мебошанд;
- Ҳарду **мушкилоте доранд, ки ҷавоби ягона надоранд**;
- Ҳарду таҳлил, баҳс ва пешгӯиро талаб мекунанд;
- Ҳарду **салоҳиятҳои калидӣ** (тафаккури интиқодӣ, эҷодкорӣ, муошират, ҳамкорӣ ва маҳорати омӯхтан) – ро рушд медиҳанд.

**Тафовутҳои асосӣ дар чист?**

| Меъёр | Вазъияти таълим | Кейс-стадӣ |
|---|---|---|
| **Манбаъ** | Педагогика, методҳои амалӣ | Таълим дар соҳаи тиҷорат, ҳуқуқ, тиб |
| **Ҳадаф** | Рушди салоҳиятҳо тавассути амал | Таҳлили воқеа ва қабули қарорҳои идорӣ |
| **Шакл** | Қисми дарс, осон воридшаванда дар раванд | Матни алоҳида + иттилоот + супоришҳо |
| **Самтгирӣ** | Амал, интихоб, кори даставӣ | Таҳлил, муқоиса, мантиқ |
| **Нақши хонанда** | Иштирокчии дохилии вазъият, нақшбозӣ | Таҳлилгари берунӣ |
| **Сохтор** | Мазмун – Мушкилот – Амал – Интихоб – Натиҷа | Тасвир – Савол – Муҳокима – Хулосаҳо |
| **Сенария** | Метавонад кушода бошад, бо рушди сужет | Одатан дорои шарҳи пурраи вазъият бо маълумоти кофӣ |

**Хулоса:** Кейс — **«як ҳикоя барои таҳлил»**, вазъияти таълим — **«фазои амал кардан»**. Агар пайдарпайӣ дуруст истифода шавад: аввал **кейси таҳлилӣ**, баъд **вазъияти амалӣ**, дарси пурмаҳсул ва мутамарказ мешавад.

Чӣ гуна кейс-стадӣ дар дарси адабиёт кор мекунад: тавсияҳо ва хулосаҳо.

Кейс-стадӣ роҳи ҷалби хонанда ба вазъиятие мебошад, ки **ҷавоби омода надорад**, вале **проблема ва нуқтаҳои мухталифи манфиат** дорад. Адабиёт чун фан ба таҳлили шахс ва ҷомеа имкони фаровон медиҳад: сужет, низоъ, хислати қаҳрамон — ҳама таҷассумгари воқеияти инсонӣ мебошанд.

**Кейсҳои дуруст интихобшуда имконият медиҳанд:**

- Таҳлил, муҳокима, пешгӯӣ ва интихоби мавқеъ;
- Дарк кардани масъала аз назари **қаҳрамон, мухолиф ё худи муаллиф.**

**Чаро истифодаи кейс дар дарс муҳим аст:**

- Ба хонанда **тафаккури байнифаннӣ** меомӯзад (забоншиносӣ + адабиёт + иҷтимоиёт + таърих + равоншиносӣ);
- Салоҳиятҳои калидӣ ташаккул меёбанд;
- Дарсро бо таҳлил, интихоби мавқеъ ва ҳамкорӣ месозад;
- Ба **корбурди дониш дар амал** роҳ мекушояд (ба воситаи диаграммаҳо, омор, суханҳои қаҳрамон, ҷадвалҳо ва ғ.).

**Кейсро чӣ гуна метавон истифода кард:**

- Чун як супориши дарсӣ;
- Чун ҷузъи вазъияти таълим;
- Чун асоси лоиҳа.

Дар баъзе ҳолатҳо кейс як дарсро фаро мегирад, дар дигар ҳолатҳо – якчанд марҳиларо. Он метавонад оғози мавзуъ бошад, ё чун воситаи такрор ва ҷамъбаст.

Нуқтаи олӣ – хонанда худаш кейс эҷод мекунад ва:

- онро барои ҳамсинфон мегузаронад (дар нақши омӯзгор);
- барои синфҳои поёнӣ ҳамчун маводи таълимӣ истифода мебарад;
- дар доираи кори таҳқиқотӣ ё лоиҳавӣ муаррифӣ мекунад;
- онро ҳамчун маҳсулоти рақамӣ омода месозад (руйнамоӣ, видео);
- … ё роҳи хоси худро меёбад!

**Нуктаҳои муҳим:**

- Кейс — **маҳсулоти дидактикӣ нест**, балки **масъалаи кушод** аст («муаммо барои андеша»);
- Воситаи **амалӣ сохтани дониш ва мустаҳкамсозии он** мебошад;
- Вақти тарҳрезии кейс бояд сатҳи душворӣ, шакли кор (гурӯҳӣ ё инфиродӣ) ва усулҳои фикру мулоҳизаро ба назар гирифт.

**Хулосаи умумӣ:** Кейс-стадӣ — **воситаи воқеии пайванди дониш ва амал** аст. Агар дуруст истифода шавад, дарсҳои забон ва адабиётро на танҳо мазмунӣ, балки фаъолсозанда ва салоҳиятмеҳвар мегардонад.

## Ҷамъбаст: хулосаҳои асосӣ

1. **Кейс-стадӣ** — ин як вазъияти воқеӣ ё ба ҳаёт наздик аст, ки дорои мушкилот, маълумот ва зарурати қабули қарор мебошад.
2. **Вазъияти таълим ва кейс-стади** унсурҳои муштарак доранд, вале аз ҷиҳати шакл, самтгирӣ ва сатҳи иштироки хонанда фарқ мекунанд.
3. **Кейс метавонад ба шаклҳои гуногун истифода шавад:** ҳамчун қисми дарс, супориши мустақил ё асоси лоиҳа.
4. Вобаста ба **сатҳи синф ва ҳадафи дарсӣ**, кейс метавонад мувофиқ карда шавад: сода карда шавад ё ба як занҷираи супоришҳо табдил ёбад.
5. **Кейсро метавон бо дигар усулҳо омехта кард:** муҳокимаи нақшбозӣ, мини-лоиҳа, Суҳбати рӯ ба рӯ ва дигар шаклҳои интерактивӣ.
6. **Кейсҳо муҳити таълимро зинда месозанд:** онҳо дониш, ҳамкорӣ ва мустақилиятро дар доираи як масъала муттаҳид мекунанд.

## Саволҳо барои робитаи мутақобила

**1. Чӣ гуна кейс-стадӣ масъалаҳоро «кушода» мекунад ва андешарониро бармехезонад?** Он ҷавоби тайёр надорад. Кейс хонандаро маҷбур месозад, ки аз нуқтаҳои гуногун ба масъала нигарад, далелҳоро санҷад, имконотро муқоиса намояд ва қарорро асоснок кунад. Баъзан маълумот нопурра аст — ки боз ҳам ҷараёни фикрро фаъол мекунад.

**2. Тафовути кейс аз супориши маъмулӣ дар чист?** Супориши китобӣ бештар ба ёдгирӣ ва бозгӯйӣ такя мекунад. Кейс бошад, тафаккурро талаб мекунад: фаҳмидан, таҳлил кардан, қарор гирифтан. Дар он воқеият бештар эҳсос мешавад ва қобилияти ҳаётӣ меомӯзад.

**3. Кадом нақшҳоро хонанда дар кейс метавонад гирад?**

- **таҳлилгар**, ки вазъиятро меомӯзад;
- **иштирокчӣ**, ки қарор қабул мекунад;
- **ташкилгар**, ки муҳокимаро идора мекунад ё кейсро бо ҳамсинфон мегузаронад.

Ин навъҳои нақш метавонанд мутаносиб бо сатҳ ва вазифа тағйир ёбанд.

**4.Чиро бояд омӯзгор пеш аз истифодаи кейс андеша кунад?**

- Дар кадом синф мавзуъ мегузарад?
- Чӣ ҳадафҳоро пешбинӣ мекунад?
- Сатҳи душвории маълумот ва саволҳо чӣ гуна бошад?
- Оё вақти кофӣ ва шакли мувофиқ (дунафарӣ, гурӯҳӣ, инфиродӣ) вуҷуд дорад?
- Оё шакл муҳокима, кори эҷодӣ ё таҳлилро талаб мекунад?

**5. Кадом унсурҳои кейсро метавон ба дарси худ ворид кард?**

- Мазмуни воқеӣ ё адабӣ
- Саволи кушода
- Қисса бо нобаробарии арзишҳо
- Муқоисаи мавқеъҳо
- Эҷоди хулоса бо далелҳо

**6. Кадом мушкилот метавонанд пеш оянд ва роҳҳои бартарафсозии онҳо чӣ гуна мебошанд?**

- **Иштибоҳ дар фаҳмиши вазифа:** шарҳи дақиқ ва намунаҳо
- **Хомӯшии гурӯҳ:** саволҳои роҳнамо ё нақшҳо
- **Зиёд будани маълумот:** кам кардани унсурҳо барои синфҳои поёнӣ
- **Вақт:** кейсро пешакӣ додан, қисмҳо кардан, хонагӣ сохтан

**7. Чӣ гуна кейс дониш, ҳамкорӣ ва фаъолияти хонандаро мепайвандад?**

- **Дониш:** тавассути матн, таҳлил, маълумот
- **Ҳамкорӣ:** муҳокима, мувофиқа, мубодилаи назарҳо
- **Фаъолияти мустақилона:** қабули қарор, ифодаи мавқеъ, истифодаи малакаҳои мустақилона

## ХУДБАҲОДИҲӢ: ЧӢ ДАР ХОТИРАМ МОНД, ЧИРО ФАҲМИДАМ?

**Варақаи худбаҳодиҳӣ 3.3**

☞ *Як ҷавоби дурустро қайд кунед.*

**1. Кадом ҷиҳат хосияти асосии кейс-стадӣ ба ҳисоб меравад?**
A) Ҷавоби дақиқ ва ягона ба саволи гузошташуда
B) Таҳлили вазъияти воқеӣ ва ташаккули мавқеи асоснок
C) Машқи хотирронӣ бо такрори пайдарпайии воқеаҳо
D) Санҷиши сатҳи аз худ кардани боби дарс

**2. Ҳадафи асосии истифодаи кейс дар дарсҳои адабиёт чист?**
A) Шинос шудан бо истилоҳоти адабӣ
B) Дар хотир гирифтан номи воситаҳои бадеӣ
C) Азнавсозии дониш дар бораи шеъру шаклҳо
D) Ҷалби хонанда ба таҳлил, пешгӯйӣ ва қабули қарорҳо марбут ба масъалаи воқеӣ

**3. Кадом унсур барои кейс ҳатмӣ нест?**
A) Статистика ва ҷадвалҳо
B) Равшан кардани паҳлуи таърихӣ
C) Мушкилоте бо роҳи ҳалли кушода
D) Мазмуне, ки бо зиндагии воқеӣ алоқаманд аст

**4. Кейс аз супориши маъмулии китоб бо чӣ фарқ мекунад?**
A) Талаби мутолиаи адабиёти иловагӣ дорад
B) Бе зарурати фикру мулоҳизаи омӯзгор мегузарад
C) Шахсан ҷалб кардани хонандаро талаб мекунад ва якчанд роҳи эҳтимолии ҳал дорад
D) Фақат дар шакли тестҳо пешниҳод мешавад

**5. Дар кадом ҳолат истифодаи кейс-стадӣ мувофиқтар аст?**
A) Дар омӯзиши истилоҳоти нав
B) Барои такрори сужети асар
C) Ҳангоми баррасии сабаб ва натиҷаи ҳодисаҳои асар
D) Барои санҷиши кори хонагӣ

**6. Муфассал кунед: кадом шакл бо кадом хусусият мувофиқ аст?**

| **Шакл** | **Хусусият** |
|---|---|
| A. Вазъияти таълимӣ | 1. Иштирок дар интихоб, амал ва ҳалли масъала |
| B. Кейс-стадӣ | 2. Таҳлил ва шарҳи рӯйдодҳои аллакай рухдода |
| **Ҷавоби шумо:** | A – … ; B – … |

## МАШҒУЛИЯТИ 2

**НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ:**

3.Таҳлили порчаи супориш ё кейс: кадом унсурҳо дар он кор мекунанд ва кадомашон намерасанд.

4. Мутобиқсозии кейс ба сатҳи омодагии хонандагон



## ДАРСИ АМАЛӢ: ТАҲИЯИ КЕЙС

**Кори амалии 1. Оё ин кейс аст?**

**Ҳадаф:** Омӯхтани фарқгузорӣ миёни **кейс-стадӣ** ва дигар шаклҳои супориш дар асоси маводи адабӣ.

**Шакл:** Кори дунафарӣ.

**Қадамҳои иҷро:**

1. Намунаҳои супоришро хонед.
2. Муайян кунед: кадоме ба **кейс**, кадоме ба **вазъияти таълим** ва кадоме ба **супориши одӣ** наздиктар аст.
3. Интихоби худро асоснок кунед.

**Намунаҳои супориш:**

1. Порае аз достони «Шоҳнома»-и Фирдавсиро хонда, хислатҳои асосии эпоси қаҳрамониро ҷудо намоед.
2. Тасаввур кунед, ки агар Рустам писараш Суҳробро намекушт, тақдири ӯ чӣ гуна тағйир меёфт?
3. Таҳлил кунед: кадом шакли рафтори хурофотӣ ё пешқадам, дар ҳикояи «Одина»-и Садриддин Айнӣ бартарӣ дорад (бо истифода аз ҷадвал бо хислатҳои қаҳрамонҳо).
4. Мақолаи марбут ба таъсири анъанаи шеъри шифоҳиро хонда, ба се саволи китоб ҷавоб диҳед.

**Кори амалии 2. «Искандар ва қудрати адолат»**

**Ҳадаф:** Омӯхтани шиносоӣ ва таҳлили **сохтори кейс-стадӣ** дар заминаи фанни адабиёти тоҷик.

**Шакл:** Кори гурӯҳӣ.

**Қадамҳои иҷро:**

**Қадами 1.** Матни кейсро хонед:

*«Хирадномаи Искандарӣ»* — қисмати охирини маҷмуаи машҳури «Ҳафт авранг» аз Абдурраҳмони Ҷомӣ мебошад. Ин асар бо илҳом аз «Искандарнома»-и Низомӣ ва «Ойинаи Искандарӣ»-и Амири Хусрав таҳия шудааст, вале самти фалсафии худро дорад.

Искандар дар он ҳамчун шогирди Арасту, пешвои одил ва донишдӯст тасвир шудааст. Мавзуи асосӣ — адолат, ахлоқ, идораи давлат ва нақши дониш дар зиндагии инсон аст.

**Мавзуъҳои калидии достон:**

- Искандар чун шогирди Арасту — талоши фаҳми ҳақиқат.
- «Хираднома» — маслиҳатҳои ҳакимон дар бораи сиёсати давлатдорӣ, ахлоқ ва ҷомеа.
- Забон ва услуби адиб—мақол, ишора ва фарҳанги форсу тоҷикӣ.

**Шумо бояд муайян кунед:**

- **Мазмун:** шароити таърихӣ, ҷаҳонбинӣ ва нақши қаҳрамон;
- **Мушкилот:** интихобҳои ахлоқӣ ва идорӣ, ки пеши Искандар меистанд;
- **Маълумот:** андешаҳои ҳакимон, фармондеҳон, муҳити иҷтимоӣ, андешаҳои худи Искандар;
- **Вариантҳо:** роҳҳои эҳтимолии амал, ки Искандар метавонад интихоб кунад;
- **Паёмадҳо:** таъсири иҷтимоӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ.

**Қадами 2. Муҳокима дар гурӯҳҳо:**

- Кадом унсурҳоро метавон тақвият бахшид? (масли: иловаи иқтибос, тавсифи замони таърихӣ, назари мардум).
- Кадом салоҳиятҳо инкишоф меёбанд? (фикрронӣ, арзёбии ахлоқӣ, фаҳми матн, масъулияти шаҳрвандӣ)

Намуна барои банақшагирии кейс

| Унсур | Намуна/Шарҳ барои кейс дар мавзуи Искандар |
|---|---|
| **Мазмун** | |
| **Мушкилот** | |
| **Маълумот/ манбаъҳо** | |
| **Роҳҳои ҳал** | |
| **Нақши хонанда** | |

**МАШҚИ 3**. Таҳияи кейс: «Оё берун аз низом ҷомеаро метавон тағйир дод?»

**Ҳадаф:** Омӯхтани сохтани кейс-стадӣ дар асоси маводи таърихӣ ва адабӣ бо ҳадафи рушди тафаккури интиқодӣ, арзёбии ахлоқӣ ва масъулияти шаҳрвандӣ.

**Шакл:** Дунафарӣ ё дар гурӯҳ.

**Қадами 1. Замина**

**Аҳмади Дониш** — донишманд ва дипломат аз Бухоро. Дар нимаи асри XIX бо намояндагони дипломатӣ ба Русия фиристода шуда, бо сохтори маориф ва сиёсати муосир шинос шуд. Баъд аз бозгашт, ӯ кӯшид ислоҳот ворид созад, аммо ҷомеаи муҳофизакор ва ашфрофзода ӯро «хатар» меҳисобиданд. Дониш дар миёни хостаҳои тағйир ва зарурати эҳтиёткорӣ монд.

**Саволҳо барои муҳокима:**

- Чӣ чиз вазъияти Аҳмади Донишро ба як кейс табдил медиҳад?
- Кадом маводҳо метавонанд дар таҳлил кумак расонанд? (пораҳо аз асарҳои Аҳмади Дониш, хотираҳо, харитаи аморат, тасвири Санкт-Петербург)

- Саволҳо барои хонандагон:
  - Оё як зиёӣ метавонад бе муқовимат бо ҳукумат ҷомеаро тағйир диҳад?
  - Сарҳади дипломатияи эҳтиёткор ва муросо бо виҷдон дар куҷост?
  - Чӣ гуна сабақи таҷрибаи Дониш имрӯз ҳам муфид аст?

**Қадами 2. Намуна барои таҳияи кейс**

| **Унсур** | **Намуна / ҷой барои пуркунӣ** |
|---|---|
| **Мавзуъ, синф** | Мавзуи дарсӣ ва синфи мақсаднок |
| **Мазмун** | Заминаҳо: сафар ба Русия, вазъи Бухоро, идеалҳои муосир |
| **Маълумот** | Фактҳо, ҳуҷҷатҳо, иқтибосҳо, харитаҳо, маводи визуалӣ |
| **Мушкилот** | Зиддиятҳои фарҳангӣ, сиёсӣ, ахлоқӣ |
| **Саволҳо / Супоришҳо** | Саволҳо барои баҳс, қарор, таҳлил |
| **Арзиш ва салоҳият** | Чаро барои хонанда муҳим аст? Кадом салоҳиятҳо рушд меёбанд? |

**Қадами 3. Саволҳои рефлексивӣ**

- Кадом сифатҳоро Дониш ҳамчун ислоҳотгар нишон медиҳад: шуҷоат, хирад, дурбинӣ?
- Дар ислоҳи ҷомеа кадомаш идеяҳо ё амалҳо муҳимтар аст?
- Оё имрӯз метавон аз таҷрибаи ӯ барои баҳс дар бораи нақши омӯзгор ё донишманд истифода бурд?

## Саволҳо барои робитаи мутақобила

1. Дар раванди таҳияи кейс кадом ҷузъ душвортар буд: **дарёфти таъриф, интихоби маълумот ё таҳияи супоришҳо? Чаро?**
2. Оё тавонистед, ки робитаи кейсро бо мавзуи дарсӣ ва донишҳои бунёдӣ нигоҳ доред? **Ин дар чӣ падидор шуд?**
3. Кейси шумо то чӣ андоза чандинҷониба шудааст? **Оё дар он барои таҳлил, интихоби мавқеъ ва асоснокқунӣ ҷой вуҷуд дорад?**
4. Ба назари шумо, кадом унсурҳои кейс барои ҷалб намудани хонандагон ба муҳокима муҳимтар мебошанд?
5. Ҳангоми таҳияи навбатии таҳияи кейс шумо чиро тағйир медодед?

## Адабиёт ва сарчашмаҳо


1. Бобомуродова, М. Дастури методӣ аз методикаи таълими забони тоҷикӣ – Душанбе: ҶДММ "ЭР-граф", 2025. – 344 с.
2. Забони тоҷикӣ. Дафтари хонанда барои синфи 5-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ Қисмҳои 1-2 / Набизода Саида, Саломиён Муҳаммаддовуд ва дигарон /, Душанбе - «Маориф»- 2024.
3. Забони тоҷикӣ. Китоби дарсӣ барои синфи 5-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ. / Набизода Саида, Саломиён Муҳаммаддовуд ва дигарон /, – Душанбе: Маориф, 2024. – 136 саҳ.
4. Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ. – Душанбе, 2021.
5. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ (2024) — дар бораи ислоҳоти маориф, рақамикунонӣ ва рушди сармояи инсонӣ.
6. Рустамов Қ. Таърихи методикаи таълими забони тоҷикӣ дар мактаб. – Душанбе: Ирфон, 2003. – 388 с.
7. Стандарт ва барномаи таълими забони тоҷикӣ барои синфҳои V-XI. (Муаллифон: Аминов С., Мухторӣ Қ., Тошбоева З., Мирзоёров Ф).
8. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030.
9. Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030.
10. (Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 сентябри соли 2020, №526 тасдиқ шудааст).
11. Ҳоҷиев С. Методикаи таълими забони тоҷикӣ. –Хуҷанд: Нури маърифат, 2019. -400 с.
12. Чаҳорчӯбаи миллии рушди таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2024.
13. Шербоев С. Методикаи таълими забони тоҷикӣ. – Душанбе: «Бухоро», 2016. – 488 с.
14. Шербоев С. Практикуми забони тоҷикӣ. – Душанбе: Ирфон, 2009. – 208 с.
15. Маҷаллаи «Омӯзгор ва замон». Маҷаллаи таълимӣ, методӣ ва илмии Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф. – Душанбе, дастрас аз: https://takmili-ihtisos.tj/?page_id=1309
16. Маҷаллаи «Омӯзгори муосир». Маҷаллаи таълимӣ, методӣ ва илмии Филиали Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар шаҳри Душанбе.
17. Маҷаллаи «Роҳнамои омӯзгор». Маҷаллаи таълимӣ, методӣ ва илмии Филиали Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон.


**Сомонаи интернетӣ:**


1. Вазорати маориф ва илми ҶТ. Барномаҳо, стратегияҳо ва хабарҳои расмӣ: https\\maorif.tj